Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 28 ноябри соли 2015, № 725
тасдиқ шудааст

# БАРНОМАИ
# РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ
# ШАҲРИ ВАҲДАТ БАРОИ СОЛҲОИ 2016-2020

Душанбе - 2015

## ПЕШГУФТОР

Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Ваҳдат барои солҳои 2016-2020 (минбаъд - Барнома) тибқи супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 феврали соли 2014, №17200 (22-6) дар заминаи "Дастури методӣ оид ба таҳия ва татбиқи барномаҳои рушди минтақаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки бо қарори Ҳайати Мушовараи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 12 январи соли 2009, №1/3 маъқул дониста шудааст), бо назардошти сиёсати давлат ва ҳуҷҷатҳои муҳими стратегии сатҳи миллӣ, барномаҳои миллӣ ва соҳавӣ аз тарафи мутахассисони касбӣ, дар ҳамкорӣ бо мутахассисони соҳавӣ, ҷалби васеи ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахши хусусӣ ва ҷамъиятӣ тарҳрезӣ шудааст.

Ҳадафи асосии Барнома ин беҳтар сохтани сифати зиндагӣ барои ҳамаи табақаҳои аҳолии шаҳру деҳот мебошад, ки он ба зиёдшавии даромад ва сатҳи шуғл ҳамчун натиҷаи рушди иқтисодӣ ва беҳтаршавии шароити зиндагии умумӣ ба болоравии боздеҳии захираҳо нигаронида шудааст. Ҳамзамон, Барномаи мазкур барои ноил шудан ба чор мақсади стратегии зерин замина мегузорад:

- муҳайё намудани фазои мусоид барои соҳибкорӣ (тиҷорат);
- ба кор даровардани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ;
- ҳамгирой бо иқтисодиёти ҷаҳонӣ;
- беҳтар намудани шароити иҷтимоии аҳолӣ.

Дар ин замина, Барномаи мазкур ҳамчун ҳуҷҷати асосии шаҳр афзалият ва самтҳои умумии сиёсати шаҳрро муайян менамояд, ки ба ноил шудан ба рушди устувори иқтисодии шаҳр, дастрасии осони аҳолӣ ба хизматрасониҳои заминавии иҷтимоӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ нигаронида шудааст.

Барои ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда дар соҳаҳои асосии хоҷагии халқи шаҳр чораҳои мушаххас пешбинӣ гардида, ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ дар назар дошта шудааст. Воқеан, ҷалби ҳарчи бештари сармояи дохилӣ ва хориҷӣ асоси амалӣ гардидани вазифаҳои дар Барнома гузошташуда буда, дар ин самт аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр тамоми имкониятҳо истифода мегарданд. Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳр барои давраи миёнамӯҳлат баҳри афзоиши имкониятҳои истеҳсолӣ нигаронида шудааст, ки метавонад дар навбати худ ба афзоиши маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ заминаи устувор гузорад.

Ба Барнома 193 лоиҳа ворид гардида, маблағи умумии он 1 млрд. 72,8 млн. сомонӣ мебошад. Аз шумораи умумии лоиҳаҳои ба Барнома воридгардида 36 лоиҳа ба маблағи 734,4 млн. сомонӣ ба бахши иқтисодӣ, 72 лоиҳа ба маблағи 159,7 млн. сомонӣ ба бахши иҷтимоӣ, 67 лоиҳа ба маблағи 151,5 млн. сомонӣ ба бахши инфрасохтор, 6 лоиҳа ба маблағи 12,2 млн. сомонӣ ба бехатарии муҳити зист, 5 лоиҳа ба маблағи 3,2 млн. сомонӣ ба ҳолатҳои фавқулодда ва 7 лоиҳа ба маблағи 11,8 млн. сомонӣ ба таъминоти захиравӣ тааллуқ доранд.

Тақсимоти
маблағҳои Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри
Ваҳдат барои солҳои 2016-2020 аз рӯи соҳаҳо аз ҳисоби
ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ (ҳазор сомонӣ)

| Соҳаҳо | Ҳамагӣ | Солҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
| **Иқтисодиёт** | 734 427 | 672 957 | 15 648 | 16 194 | 15 768 | 13 860 |
| Кишоварзӣ | 20 700 | 3 030 | 3 380 | 5 180 | 5 180 | 3 930 |
| Саноат, бахши соҳибкорӣ | 713 727 | 669 927 | 12 268 | 11 014 | 10 588 | 9 930 |
| **Иҷтимоиёт** | 159 756 | 75 764 | 22 830 | 20 629 | 21 981 | 18 552 |
| Маориф | 54 722 | 9 956 | 11 247 | 10 934 | 12 888 | 9 696 |
| Тандурустӣ | 25 335 | 4 284 | 6 034 | 6 247 | 4 484 | 4 284 |
| Шуғли аҳолӣ | 3 740 | 526 | 651 | 783 | 843 | 936 |
| Фарҳанг | 14 640 | 9 298 | 2 448 | 964 | 965 | 965 |
| Варзиш ва сайёҳӣ | 61 320 | 51 700 | 2 450 | 1 700 | 2 800 | 2 670 |
| **Инфрасохтор** | 151 452 | 29 356 | 41 457 | 31 815 | 27 209 | 21 614 |
| Таъминот бо оби нӯшокӣ | 60 251 | 13 043 | 13 307 | 13 477 | 10 372 | 10 051 |
| *Таъминот бо барқ* | 41 220 | 2 680 | 12 830 | 10 370 | 10 170 | 5 170 |
| Нақлиёт ва коммуникатсия | 38 800 | 11 100 | 13 100 | 5 600 | 4 500 | 4 500 |
| Хизматрасонии манзилию коммуналӣ | 11 181 | 2 533 | 2 220 | 2 368 | 2 167 | 1 893 |
| **Бехатарии муҳити зист** | 12 225 | 1 125 | 2 800 | 2 800 | 2 800 | 2 700 |
| ***Ҳолатҳои фавқулодда*** | 3 180 | 580 | 1100 | 1100 | 200 | 200 |
| **Таъминоти захиравӣ** | 11 800 | 2 200 | 4 400 | 2 300 | 2 300 | 600 |
| **Ҳамагӣ, Барнома** | 1 072 840 | 781 982 | 88 236 | 74 838 | 70 258 | 57 526 |

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки лоиҳаҳои Барнома аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ (4,2 фоиз), буҷети маҳаллӣ (8 фоиз), маблағҳои худӣ (3,5 фоиз), соҳибкорон (11 фоиз) ва сармояи хориҷӣ (73,3 фоиз) амалӣ карда мешаванд.

Маблағгузории Барнома аз рӯи манбаъҳои маблағгузорӣ (ҳазор сомонӣ)

| *Манбаъҳо* | *Ҳамагӣ* | *Солҳои* | | | | | % арзиши умумӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | *2016* | *2017* | *2018* | *2019* | *2020* | |
| *Ҳамагӣ* | *1 072 840* | *781 982* | *88 236* | *74 838* | *70 258* | *57 526* | *100,0* |
| *Буҷети ҷумҳуриявӣ* | 45 504 | 7 290 | 11 046 | 10 765 | 8 855 | 7 548 | 4,2 |
| *Буҷети маҳаллӣ* | 85 622 | 43 312 | 19 404 | 8 427 | 7 639 | 6 840 | 8,0 |
| *Маблағҳои худӣ* | 37 151 | 6 118 | 9 357 | 8 912 | 8 441 | 4 323 | 3,5 |
| *Маблағҳои хусусии соҳибкорон* | *117 767* | *52 415* | *19 285* | *17 339* | *15 863* | *12 867* | *11,0* |
| Сармояи дохилию хориҷӣ | 786 796 | 672 847 | 29 144 | 29 395 | 29 460 | 25 948 | 73,3 |

## БОБИ 1. ТАҲЛИЛИ ҲОЛАТИ УМУМӢ ВА ВАЗЪИ ВОҚЕИИ ШАҲРИ ВАҲДАТ

Сохтори маъмурию худудии шаҳри Ваҳдат

**Маълумоти таърихӣ.** Ваҳдат шаҳри маъмурии тобеи ҷумҳурӣ буда, 17 сентябри соли 1927 бо номи Янгибозор ташкил ёфта, соли 1936 ба Орҷоникидзеобод, соли 1991 ба Кофарниҳон ва аз соли 2003 бо Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳри Ваҳдат тағйир дода шудааст.

Маълумоти ҷуғрофии шаҳри Ваҳдат пораест аз сарзамини кӯҳанбунёди тоҷикон, ки дар водии хушманзараи Ҳисор воқеъ гардидааст.

Масоҳати шаҳр 3,7 ҳазор км² (*зиёда аз 60 фоизашро кӯҳҳо фаро гирифтаанд*), аз шимол ба ҷануб 120 км ва аз шарқ ба ғарб 31 км тӯл кашидааст. Ваҳдат аз ҷануб ба ноҳияҳои Норак, Ёвон, аз шимол ба ноҳияи Айнӣ, аз шарқ ба Файзобод, Нуробод, аз ғарб ба Рӯдакӣ ва шаҳри Душанбе ҳамсарҳад аст.

Шаҳри Ваҳдат аз лиҳози маъмурӣ ба маркази шаҳр, Ҷамоати шаҳраки ба номи Н. Розиқ ва 10 ҷамоати деҳот: ба номи А. Абдулвосиев, ба номи Р. Исмоилов, "Баҳор", ба номи Б.Бурунов, ба номи К. Исмоилов, "Симиганҷ", "Гулистон", "Чӯянгарон", "Ромит" ва "Чорсӯ" тақсим мешавад.

Шумораи аҳолии шаҳр 309,7 ҳазор нафар буда, аз маркази шаҳри Душанбе дар масофаи 15 км дур воқеъ гардидааст.

**Релеф ва иқлими шаҳр.** Релефи ин минтақа асосан кӯҳист.

Шаҳр аз сатҳи баҳр дар баландии 800 метр воқеъ аст. Иқлимаш вобаста ба баландӣ тағйир меёбад: то баландии 1500 метр тобистон гарм, зимистон на чандон хунук (ҳарорати миёнаи моҳҳои июл 25-35° С, январ аз 0 то -5° С) ва

давомнокии давраи бехунукӣ 200-240 рӯзро ташкил медиҳад. Дар баландиҳои 1500-2500 м иқлим мӯътадил, тобистонаш салқин, зимистонаш хунук аст ва дар баландиҳои бештар аз 3000 метр иқлими хунук ҳукмфармост. Миқдори боришот дар ноҳия ба ҳисоби миёна 700-900 мм-ро ташкил медиҳад. Теғаи кӯҳҳои баланд бо тармаву пиряххо пӯшида шудаанд.

**Олами наботот.** Дар баландиҳои 1500-2000 м. набототи даштӣ – ҳар гуна гиёҳҳо (бештар гандумак, ковил, типчак, чатргулҳо, лӯбиёиҳо, шибоғ, талха, тахач, чачрақӣ (косонӣ), ширинбия, субинак, ҷамилак, кокутӣ, пудина, ниёзбу, пиёзи кӯҳӣ, шулха, ғазарак, ғармашқ (гули хайрӣ), чойкаҳак, раҳдавак, гӯсфандхорак, сафедхорак, сипанд, зира, чукрӣ, торон, чоқла, ров, рошак, кравчак, сири кӯҳӣ, пиёзи анзур, пиёзи кӯҳӣ, янток) мерӯяд. Нишебиҳои баландиашон 2000-3500 метрро даштҳои сералаф (хӯшадорҳо, лӯбиёиҳо, юқан, фарк, пушол, чабарқ, арча ва ғ.) фаро гирифтаанд. Дар сою дараҳо ва соҳилҳои дарё дарахтони бед, олуча, сӯбу муруди худрӯй, буттаҳои ангат, зирк, настаран ва ғайраҳо вомехӯранд. Аз дарахтони зиннатбахшу мевадор: чормағз, олуча, зелол, зардолу, шафтолу, тут, себ, бодом, нок, гелос ва намудҳои дигари дарахтони мевадиҳандаву сояафкан мерӯянд.

*Олами ҳайвонот.* Олами ҳайвоноти ҳудуди шаҳр гуногун аст. Аз сумдорҳо - нахчир, муфлон, гуроз, аз даррандаҳо - хирс, шерпаланг (ирбис), гург, шағол, рӯбоҳ, қоқум, савсар, силовсин (вашақ), қашқалдоқ, аз хазандаҳо - калтакалос ва ҳар гуна морҳо (кубро, мори чипор, гурза), аз паррандаҳо - кабк, мурғи ҳилол, уқоб, мурғи ҳумо, заргулдор, дурроҷ ва ғайра вомехӯранд. Дарёҳояш гулмоҳӣ ва ширмоҳӣ доранд. Дар ҳавзаи дарёҳои Сорбоғу Сардаи Миёна (саргаҳи Кофарниҳон) мамнӯъгоҳи Ромит воқеъ гаштааст.

*Захираҳои табиӣ.* Шаҳр аз канданиҳои фоиданок бой аст. Захираҳои ангиштсанг (кони ангишти Сайёд), гази сӯзанда, флюорит, масолеҳи бинокорӣ (гаҷ, гил, регу шағал), сангҳои ороишӣ, обҳои маъданӣ, тилло (кони Пакрут) захираи ҳавзаи ашё барои истеҳсоли семент ва дигар канданиҳои фоиданок боигариҳои ин музофотанд, ки ба рушди соҳаи саноат ва соҳибкории хурду миёна мусоидат менамоянд.

*Захираи об.* Дар шаҳри Ваҳдат 5 дарё мавҷуд аст, ки калонтаринашон Кофарниҳон ва Элок мебошанд. Дарозии дарёи Кофарниҳон дар ҳудуди ноҳия 70 км ва Элок зиёда аз 30 километро ташкил медиҳад.

Мавҷуд будани дарёҳои хурду калон аз нигоҳи иқтисодӣ барои рушди соҳаи энергетикӣ хело муфид аст. Дар ҳолати бунёди нерӯгоҳҳои хурду миёна дар ноҳия ба роҳ мондани рушди саноати сабуку вазнин ва туризми дохилию берунӣ имконият дорад.

*Вазъи демографии шаҳр.* Аҳолии шаҳри Ваҳдат ба ҳолати 1 январи соли 2015 309,7 ҳазор нафар буда, ҳамагӣ 3,8 фоизи аҳолии ҷумҳуриро ташкил медиҳад. Аз шумораи умумии аҳолӣ 51,4 фоизи мардон (159 ҳазор нафар) ва 48,6 фоизаш занон (150 ҳазор нафар) мебошанд. Ба ҳисоби миёна суръати афзоиши аҳолӣ 1,8 фоиз ва зичии аҳолӣ 81,9 нафарро дар 1км² ташкил медиҳад. Аз шумораи умумии аҳолии шаҳр 57 ҳазор нафар (18,3 фоиз) дар маркази шаҳр ва 253 ҳазор нафар (81,7 фоиз) дар деҳот зиндагӣ мекунанд.

*Ҷадвали №1. Шумораи аҳолӣ аз рӯи ҷамоатҳо (ба ҳолати 01.01.15)*

| № | Номи ҷамоатҳо | Масофа то марка-зи шаҳр | Шумораи Хоҷагиҳои хонагӣ | Шумораи деҳаҳо ва кӯчаҳо | Шумораи аҳолӣ | Аз он ҷумла | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | Мард | Зан |
| 1 | Маркази шаҳр | - | 8271 | 90 | 45587 | 23381 | 22206 |
| 2 | Ҷамоати шаҳраки ба номи Н. Розиқ | 6 км | 1647 | 17 | 11066 | 5514 | 5552 |
| | Ҷамъ дар шаҳр | | 9918 | 107 | 56653 | 28895 | 27757 |
| 1 | Ба номи А. Абдулвосиев | 9 км | 4393 | 27 | 43056 | 21895 | 21162 |
| 2 | Ба номи Р. Исмоилов | 4 км | 1755 | 10 | 18699 | 9705 | 8993 |
| 3 | «Баҳор» | 3 км | 2859 | 16 | 27415 | 14108 | 13307 |
| 4 | Ба номи Б. Бурунов | 3 км | 2551 | 15 | 24766 | 12933 | 11833 |
| 5 | Ба номи К. Исмоилов | 6 км | 4010 | 27 | 32154 | 15983 | 16171 |
| 6 | «Симиганҷ» | 9 км | 3947 | 21 | 32591 | 17116 | 15475 |
| 7 | «Гулистон» | 13 км | 4319 | 21 | 37808 | 19610 | 18199 |
| 8 | «Чӯянгарон» | 13 км | 2248 | 13 | 18568 | 9427 | 9141 |
| 9 | «Ромит» | 37 км | 1820 | 24 | 14277 | 7511 | 6767 |
| 10 | «Чорсӯ» | 30 км | 419 | 6 | 3677 | 2099 | 1578 |
| | Ҷамъ дар ҷамоатҳои деҳот | | 28321 | 178 | 253010 | 130386 | 122624 |
| | Ҳамагӣ: | | 38239 | 570 | 309663 | 159281 | 150382 |

Аҳолии шаҳр дар 5 соли охир 9,7 фоиз зиёд гардидааст. Аз он ҷумла дар маркази шаҳр 12,2 ва дар деҳот 9,2 фоизро ташкил мекунанд.

Соли 2014 коэффитсиенти таваллуд дар шаҳри Ваҳдат ба ҳазор нафар 27 нафарро ташкил дод.

Дар сохтори синну соли шаҳру деҳоти Ваҳдат кӯдакони то синни 14 сола 112,8 ҳазор нафар (36,4 фоиз), аз 15 то 62 сола 183,0 (59,1 фоиз) ва аз 63 сола боло 13,9 ҳазор нафарро (4,5 фоиз) ташкил медиҳанд.

*Ҷадвали №2 Таҳлили вазъи демографии шаҳри Ваҳдат дар солҳои 2010 - 2014* (ҳаз.нафар)

| Нишондиҳандаҳо | Шумораи умумӣ (ба 1 январи соли 2015) | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 |
| Аҳолӣ | 282,2 | 290,6 | 300,4 | 301,4 | 309,7 |
| Кӯдакони то синни 14 сола | 102,7 | 105,8 | 109,4 | 109,8 | 112,8 |
| Гурӯҳи миёнасолон 15-62 сола (барои занон) 57сол | 166,8 | 171,8 | 177,6 | 178,1 | 183,0 |
| Гурӯҳи калонсолон 63 сол ва аз он боло барои занҳо 58 сол | 12,7 | 13,0 | 13,4 | 13,5 | 13,9 |
| Аҳолии қобили меҳнат | 166,8 | 171,8 | 177,6 | 178,1 | 183,0 |

## БОБИ 2. ИҚТИСОДИЁТ

1. Соҳаи кишоварзӣ.

Ваҳдат шаҳри аграрӣ - саноатӣ маҳсуб ёфта, соҳаи аграрӣ дар ҳаёти иқтисодии шаҳр нақши аввалиндараҷаро мебозад. Дар соҳаи кишоварзӣ аз нисф зиёди аҳолии қобили меҳнат фаъолият мекунад. Рушди соҳаи кишоварзӣ на танҳо чиҳатҳои иқтисодӣ, балки хусусияти ичтимоӣ низ дорад, зеро 87,2 фоиз аҳолии (145000 нафар) қобили меҳнат дар деҳот зиндагӣ доранд.

Ба 1 январи соли 2015 масоҳати умумии заминҳои кишоварзӣ 141858 га-ро ташкил менамояд, ки аз он заминҳои корам 13661 га, дарахтони бисёрсола 3949 га, чарогоҳ 123761 га, боир 255 га-ро ташкил медиҳад. Дар шаҳр ҳамагӣ 14723 га заминҳои обёришаванда мебошанд. Заминҳои ғайриобӣ асосан барои истифодабарии хоҷагиҳои деҳқонӣ ва қисман заминҳои наздиҳавлигӣ чудо гардиданд. Дар айни замон дар шаҳр 80 хоҷагии деҳқонӣ бо бунёди боғ машғул мебошанд.

*Ҷадвали №1. Истифодаи умумии замин*

| № | Истифодабарии заминҳо | Масоҳат, га |
|---|---|---|
| | Шумораи заминистифодабарандагон (нафар) | |
| 1 | **Майдони умумии заминҳо** | **367 400** |
| 1.1. | Аз ҷумла,обӣ | 14 664 |
| 2. | **Замини корам** | **13 661** |
| 2.1. | аз ҷумла, обӣ | 10 132 |
| 3. | **Дарахтони бисёрсола** | 3 949 |
| 3.1 | аз ҷумла, обӣ | 1 482 |
| 3.2. | Боғот | 2 186 |
| | аз ҷумла, обӣ | 867 |
| 3.3. | Токзор | 1 432 |
| | аз ҷумла, обӣ | 305 |
| 3.4. | Тутзор (ҳама обӣ) | 312 |
| | аз ҷумла, обӣ | 295 |
| 3.5. | Ситрус | 19 |
| | аз ҷумла, обӣ | 15 |
| 3.6. | Дарахтзор, ниҳолпарваришгоҳ (ҳама обӣ) | |
| 4. | **Заминҳои боир** | 255 |
| 4.1. | аз ҷумла, обӣ | 232 |
| 5. | **Заминҳои алафдарав** | |
| 6. | **Чарогоҳ** | **123 761** |
| 5.1. | аз ҷумла, тобистона | 90 036 |
| 5.2. | Баҳорию тирамоҳӣ | 33 726 |
| | **Ҳамагӣ, заминҳои кишоварзӣ:** | **141 627** |
| | аз ҷумла,обӣ | 11 846 |
| | **Шумораи хонаводаҳо** | |

| | | |
|---|---|---|
| 1. | **Заминҳои наздиҳавлигӣ:** | 5 540 |
| | аз ҷумла, обӣ | 2 544 |
| 1.2. | Замини корам | 2 784 |
| | аз ҷумла, обӣ | 1 385 |
| 1.3. | Дарахтони бисёрсолаи мевадиҳанда | 1 818 |
| | аз ҷумла обӣ | 1 059 |
| 1.4. | Иморатҳо ва дигар заминҳо | 938 |
| 2. | **Заминҳои хоҷагӣ ё шахсӣ (ҳамаш обӣ)** | **956** |
| 2.1 | аз ҷумла,обӣ | 204 |
| 3. | **Ҷангалу бешазор:** | **21 184** |
| 3.1. | аз ҷумла, майдони дарахтзор | 21 093 |
| 3.2. | Майдони бедарахт | 3 |
| 3.4. | Ниҳолпарваришгоҳ | |
| 3.4. | Бешаҳо, ҷангалзори муҳофизаи киштзор | 86 |
| 3.5. | Дигар дарахтони муҳофизатӣ | 2 |
| | аз ҷумла, обӣ | |
| 4. | **Буттазор** | **15 160** |
| 5. | **Ботлоқҳо** | 9 |
| 6. | **Заминҳои зери об:** | **5 982** |
| 6.1 | аз ҷумла; дарёҳо, наҳрҳо | 4 434 |
| 6.2. | Кӯлу баҳрҳо | 8 |
| 6.3. | Обанбору ҳавзҳо | 20 |
| 6.4. | Канал, ҷӯйбор ва заҳбуру заҳкашҳо | 1 520 |
| 7. | **Роҳҳо ва роҳҳои чорвогузар** | **1 200** |
| 8. | **Заминҳои зери иморату иншоот, кӯчаҳо ва майдонҳо** | 2 798 |
| 9. | **Дигар заминҳо:** | 172 945 |
| 9.1. | Қумзор | 585 |
| 9.2. | Ҷарҳо | 582 |
| 9.3. | Ярчу шағалдор | 157 754 |
| 9.4. | Пиряххо | 8 810 |
| 9.5. | Дигар заминҳое, ки дар кишоварзӣ истифода намешаванд. | 5 214 |

*Диаграммаи №1. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ таи солҳои 2010-2014 (ҳазор сомонӣ)*




Дар соли 2014 ҳаҷми маҳсулоти умумии кишоварзӣ дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории ноҳия 640029 ҳазор сомониро (бо нархҳои ҷорӣ) ташкил дод, ки нисбати соли 2010 62,2 фоиз зиёд мебошад. Аз рӯи соҳаҳо болоравии маҳсулоти кишоварзӣ ба назар мерасад. Дар ҳаҷми умуми маҳсулоти кишоварзӣ ҳиссаи хоҷагиҳои аҳолӣ 54,5 фоиз, хоҷагиҳои деҳқонӣ 36,9 фоиз ва сектори ҷамъиятӣ 8,5 фоизро ташкил дод.

*Диаграммаи №2. Ҳиссаи хоҷагиҳо дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ*




Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳиссаи маҳсулоти кишоварзии шаҳру деҳот дар сохтори ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзии ҷумҳурӣ тамоюли болоравӣ дошта, ба ҳисоби миёна ҳамагӣ 3,6 фоизро ташкил медиҳад.

Сарчашмаи даромаднокии хоҷагиҳо дар шаҳри Ваҳдат асосан аз ҳисоби ин нишондиҳандаҳо сурат мегирад:

а) даромад аз фурӯши маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ;

б) даромад аз фурӯши чорво ва парранда;.

в) даромадҳои ғайрикишоварзӣ (кори доимӣ дар хоҷагиҳои коллективӣ, кор аз рӯи шартнома, корҳои мавсимӣ, савдо, даромад аз интиқоли пулии муҳоҷирон, муассисаҳои давлатӣ ва ғайра).

**Растанипарварӣ.** Дар соли 2014 ҳаҷми умумии маҳсулоти растанипарварӣ дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳо 370897 ҳазор сомониро ташкил дода, дар қиёс ба соли 2010 ба андозаи 27 фоиз зиёд мебошад. Ҳиссаи маҳсулоти растанипарварӣ дар соли 2014 дар ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзии ноҳия 57,9 фоизро ташкил медиҳад.

**Пахтакорӣ.** Барои парвариши пахта 11,4 фоизи заминҳои корам истифода бурда мешавад. Аз соли 2000 инҷониб даромаднокии он тадриҷан кам шуда, истеҳсол ва фурӯши пахта ба мушкилот дучор гардидааст. Соли 2014 истеҳсоли пахта 1301 тоннаро ташкил дод, ки нисбати соли 2011 3114 тонна кам мебошад. Бинобар ин, аз ҳисоби заминҳои пахта дар хоҷагиҳо зиёд намудани кишти сабзавот дар назар дошта шудааст.

**Сабзавоткорӣ.** Дар тӯли солҳои охир афзоиши истеҳсоли сабзавот ва картошка тамоюли болоравӣ дошта, истеҳсоли он соли 2014 ба 97,8 ҳазор тонна расонида шуд, ки дар қиёс ба соли 2010 - 5,7 фоиз зиёд аст. Зиёдшавии ҳаҷми истеҳсоли сабзавот бо роҳи васеъ намудани заминҳо (интенсивӣ) ба вуҷуд омадааст.

Бо вуҷуди он, ки нишондодҳои соҳаи кишоварзӣ нисбат ба соли 2010 тамоюли болоравӣ дорад, вале сабабҳое мавҷуданд, ки ба боз ҳам зиёд намудани маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ таъсири манфӣ мерасонанд.

Боғу токпарварӣ дар бобати афзун гардонидани имкониятҳои содиротии шаҳр ва ба кори доимӣ таъмин намудани аҳолӣ мавқеи муайянро. ишғол менамояд. Обу ҳавои мусоиди минтақа, бахусус барои парвариши ниҳолҳои мевадиҳанда имконият фароҳам меорад. Дар солҳои 2010 - 2014 тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 августи соли 2009, №683 «Дар бораи тадбирҳои иловагӣ доир ба рушди. соҳаи боғу токпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2014» дар хоҷагиҳои шаҳр зиёда аз 467 га боғу токзорҳои нав шинонида шудааст, ки нисбат ба нишондиҳандаҳои Барномаи мазкур қариб 4 маротиба зиёд мебошад.

Соли 2014 дар шаҳру деҳот 144 гектар боғу токзори нав бунёд карда мешавад. Мушкилиҳое, ки дар роҳи пешбурди соҳаи боғу токпарварӣ монеағӣ дорад, ин пеш аз хама барқарор намудани заминаи моддию техникии соҳаи боғу токпарварӣ (истифодаю нигаҳдории заҳрхимикатҳо, нигаҳдорию кашонидани меваю ангур) мебошад.

Солҳои охир, майдони аксари боғҳои шаҳр аз сабаби дар сари вақт нагузаронидани чорабиниҳои агротехникӣ, хароб гардидааст. Сабаби асосии пастшавии ҳосил, паҳншавии касалиҳои гуногуни замбуруғӣ ва зиёдшавии миқдори ҳашароти зараррасон мебошад. Давраи авҷи касалиҳо ва инкишофи ҳашароти зараррасон вобаста аз шароити иқлими маҳал ва хусусияти биологии онҳо, ки ба сабзиши дарахтон зиён меоварад, гуногун мегузарад. Бинобар ин, дар ин самт лозим аст, ки дар минтақа гурӯҳи махсуси пешгӯӣ оид

ба пахншавии ҳашарот ташкил намуда, фаъолияти стансияҳои муҳофизати растаниҳоро барқарор намояд.

**Ҳолати техникӣ.** Мушкилоти дигари соҳаи кишоварзӣ ин ба таври кофӣ таъмин набудани хоҷагиҳо ба техникаи кишоварзӣ мебошад. Аз соли 1990 то инҷониб ба хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия 12 адад техникаи нави замонавӣ ворид гардидааст, ки барои сари вақт гузаронидани кишт ва ҷамъоварии ҳосил ҷавобгӯ намебошад. Техникаи дар тавозуни хоҷагиҳо буда фарсуда гардида, қариб корношоям шудаанд.

*Ҷадвали № 2. Маълумот оид ба техникаи кишоварзӣ (ба ҳолати 1 январи соли 2015)* (адад)

| № | Номгӯи тракторҳо | Ҳамагӣ | Омода | %-и омодагӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Тракторҳо | 144 | 100 | 69,4 |
| | аз ҷумла; шудгоркунанда | 29 | 10 | 34,5 |
| 2 | Автомобилҳои боркаш | 34 | 18 | 52,9 |
| 3 | Комбайнҳои ғалладарав | 1 | 1 | 100,0 |
| 4 | Ядакҳои тракторӣ | 115 | 91 | 79,1 |
| 5 | Достҳои тракторӣ | 7 | 5 | 71,4 |
| 6 | Алафҷамъкунакҳо | 3 | 1 | 33,3 |
| 7 | Комбайнҳои хӯроки чорвогундор | 5 | 3 | 60,0 |
| 8 | Тухмипошакҳо | 37 | 30 | 81,1 |
| 9 | Култиваторҳо | 39 | 33 | 84,6 |
| 10 | Плугҳои тракторӣ | 50 | 45 | 90,0 |
| 11 | Пахтаҷудокунакҳо | 3 | 2 | 66,7 |
| 12 | Мошинҳои дараву ҷамъ мекардагӣ | 2 | 2 | 100,0 |
| 13 | Тойбанду тагрезчинҳо | 3 | 2 | 66,7 |

**Чорводорӣ:** Соҳаи мазкур дар баробари дигар соҳаҳо яке аз соҳаҳои асосии кишоварзии шаҳр буда, вазни қиёсии он дар маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ 42,1 фоизро ташкил медиҳад. Дар соли 2014 хоҷагиҳои кишоварзӣ 640,1 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуданд, ки нисбати соли 2010- 62,2 фоиз зиёд мебошад.

Вусъат бахшидан ба рушди соҳаи чорводорӣ пеш аз ҳама ба заминаи зотпарварии соҳа барои таъмини амнияти озуқаворӣ ва коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ нигаронида шудааст. Истифодаи маводҳои зотӣ, хизматрасонии зоотехникию бойторӣ маҳдуд буда, таъминот ба хӯрока ва захираи он суст гардидааст. Дар оянда зарур аст, ки имконияту захираҳо барои беҳтаргардонии сифатҳои маҳсулнокию зотии чорво тавассути амалигардонии корҳои селексионию зотпарварӣ равона карда шавад. Ҳамчунин, барқарор намудани нуқтаҳо ва стансияҳои бордоркунии сунъии чорво ва таъмини онҳо ба маводҳои зотӣ (чорвои наслдеҳи баландсифат) дар назди ҷамоатҳои деҳот ҳадафи асосӣ ба ҳисоб меравад.

Дар соли 2014 аз рӯи баҳисобгирии хоҷагиҳои шахсӣ дар шаҳр зиёда аз 78854 сар чорвои калони шохдор, аз ҷумла 44326 сар модагов, 150348 сар чорвои майда (бузу гӯсфанд), 1146 сар асп ва 452061 сар парранда мавҷуд аст.

Вале, афзоиши саршумор ва истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ нисбат ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ набуда, дар мавриди ба пуррагӣ истифода бурдани имкониятҳои мавҷудаи шаҳр мо метавонем афзоиши онро дучанд намоем.

*Ҷадвали №3. Саршумори умумии чорво ва парранда дар ҳама шаклҳои хоҷагидорӣ* (сар)

| № | Нишондиҳандаҳо | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Чорвои калон | 72959 | 77127 | 78505 | 78854 |
| 2 | Бузу гӯсфанд | 124145 | 141889 | 145871 | 150348 |
| 3 | Асп | 1070 | 1057 | 1129 | 1146 |
| 4 | Парранда | 340649 | 371273 | 395276 | 452061 |
| 5 | Оилаи занбӯри асал | 11952 | 13518 | 14466 | 14674 |

Аз ҷадвали мазкур бар меояд, ки зиёдшавии саршумори чорво назаррас аст. Соли 2014 дар қиёс ба солҳои 2011 ва 2012 мутаносибан чорвои калон 8 фоиз ва 2,2 фоиз; бузу гӯсфанд мутаносибан 21,1 фоиз ва 5,9 фоиз; парранда 32,7 фоиз ва 21,7 фоиз; оилаи занбури асал 22,7 фоиз ва 8,5 фоиз зиёд шудааст. Дар шаҳру деҳот 46,5 фоиз чорво ва парранда ба хоҷагиҳои хонагӣ мансуб мебошанд.

Дар шаҳру деҳот барои баланд бардоштани маҳсулнокии соҳаи чорводорӣ ва ташкили базаи хӯроки он ва дар заминаи он инкишоф додани соҳаи чорводорӣ шароити хуб мавҷуд аст, зеро 33,7 фоизи масоҳати умумии заминҳои кишоварзиро чарогоҳҳо (123762 га) ташкил медиҳанд. Воқеан, шароити иқлимии шаҳр барои парвариши чорво ва парранда мувофиқ аст. Дар сурати ба роҳ мондани коркарди маҳсулоти чорводорӣ имконият аст, ки шаҳри Душанбе ва дигар минтақаҳои ҳамсоя бо маҳсулоти ширӣ таъмин карда шавад.

Барои баланд бардоштани маҳсулнокии соҳаи чорводорӣ ва ба соҳаи сердаромад табдил додани он амали кардани тадбирҳои зерин аст:

- зиёд намудани майдони кишти растаниҳои равғандор дар хоҷагиҳо барои хӯроки чорво;
- ташкил намудани базаи наслҳои хушзот дар хоҷагиҳои чорводор барои хушзот намудани чорво.

Солҳои охир дар шаҳру деҳот соҳаи занбӯри асалпарварӣ низ ривоҷ ёфта, ассотсиатсияи занбӯрпарварон ташкил карда шуд. Дар он 55 нафар занбӯрпарварон шомил буда, шумораи оилаҳои занбӯри асал ба 14674 расидааст. Дар соли 2014 дар шаҳр зиёда аз 228,7 тонна асал истеҳсол карда шуд. Барои инкишоф додани соҳаи мазкур дастгирӣ намудани хоҷагиҳои занбӯрпарвар аз ҷиҳати молиявӣ мувофиқи матлаб аст.

**Паррандапарварӣ.** Ба роҳ мондани парвариши парранда метавонад даромаднокии хоҷагиҳоро дучанд зиёд намуда, бозори дохилиро бо тухм ва гӯшт таъмин намояд. Дар айни ҳол шумораи парранда дар ҳамаи хоҷагиҳои шаҳр 452061 сарро ташкил медиҳад. Ҷиҳати рушди минбаъдаи соҳа барқаросозии фабрикаи мурғпарварии ҶДММ «Наврӯз» дар Ҷамоати деҳоти «Баҳор» ва ҶДММ «Чиртак» дар Ҷамоати деҳоти ба номи Бозорбой Бурунов мувофиқи мақсад мебошад.

**Байторӣ.** Рушди соҳаҳои чорводорӣ, паррандапарварӣ, занбӯри асалпарварӣ ва моҳипарварӣ аз хадамоти сифатноки бойторӣ ҷиҳати сари вақт пешгирӣ намудани касалиҳои сирояткунанда вобастагӣ дорад.

Маводи биологии пешгирии касалиҳои сирояткунанда: сӯхтанӣ -50 фоиз, вабои сумдард 17 фоиз, гули моли майда 10-15 фоиз, ҳорӣ 20 фоиз ва барои ташхиси касалиҳои сил туберкулини ППД-20 фоиз аз ҳисоби маблағҳои эпизоотӣ ҷудо карда мешавад, ки ба талабот ҷавобгӯ нест.

Барои рушди соҳа аз ҳисоби соҳибкорони маҳаллӣ дар деҳаҳои Амоншайхӣ ва Қирғизон клиникаҳои хусусии байторӣ дар соли 2015 сохта мешавад. Инчунин, бунёди 5 клиникаи байторӣ дар ҳудуди 7 ҷамоатҳои деҳот зарур мебошад.

Дар шаҳри Ваҳдат 14664 гектар заминҳои обӣ мавҷуд аст, ки тавассути 9 сарбанди обгирӣ бо об таъмин карда мешаванд. Барои обёрӣ намудани заминҳои кишоварзӣ 208 км наҳрҳои байнихоҷагӣ, 410 км наҳрҳои дохилихоҷагӣ ва 91 км захбурҳо мавҷуд аст. Тавассути наҳрҳои байниноҳиявӣ зиёда аз 4000 га заминҳои обии ноҳияҳои Рӯдакӣ ва Файзобод обёрӣ карда мешаванд. Дар Идораи давлатии хоҷагии оби шаҳр барои тоза намудани шабакаҳои обёрии наҳрҳо техникаҳои пуриқтидор мавҷуд набуда, барои тоза намудани ҷуйборҳо экскаваторҳои хурд истифода бурда мешаванд. Бинобар набудани техникаҳои калон идораи мазкур ҳамасола ҷиҳати гузаронидани чорабиниҳои тозакунии наҳрҳои байнихоҷагӣ танқисӣ мекашад. Бо сабаби аз кор баромадани иншоотҳои гидротехникӣ дар миқёси шаҳр зиёда аз 2200 га замин бо об таъмин карда намешаванд.

Умуман, барои рушди соҳаи мазкур ташкил намудани 3 адад Стансияи таъмири мошину тракторҳо (МТС), хариди техникаи муосир, сохтмони анборҳои нигоҳдории маҳсулот, таъмир ва барқарор намудани системаҳои ирригатсионӣ зарур аст.

**2. Соҳаи саноат**

Соҳаи саноат яке аз соҳаҳои асосии шаҳри Ваҳдат маҳсуб ёфта, он пеш аз ҳама ба ташкили ҷойҳои нави корӣ, таъсиси корхонаҳои хурду миёнаи замонавӣ ва дар ин замина паст намудани сатҳи камбизоатӣ равона карда шудааст. Ҳамзамон, маҷмӯи чорабиниҳои рушди саноати шаҳри Ваҳдат дар байни дигар чорабиниҳои асосии комплексии рушди шаҳр барои он мавқеи махсус дорад, ки рушди ин соҳа дар ҳалли масъалахои зиёди иқтисодӣ – иҷтимоӣ саҳмдор буда метавонад. Дар корхонаҳои саноатии шаҳр иқтидори калони истеҳсолӣ, масолеҳи сохтмонӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ мавҷуд аст. Захираҳои табиии шаҳр аз ҷумла, кони ангиштсанги Сайёд, гази сӯзанда, кони граните Хушон, флюорит, масолеҳи бинокорӣ (гач, гил, регу шағал), сангҳои ороишӣ, обҳои маъданӣ, гиёҳҳои шифобахш мавҷуданд, ки ба рушди соҳа дар оянда мусоидат намуда, барои таъмини ҷойҳои нави корӣ шароит фароҳам меорад.

Аз рӯи маълумоти оморӣ дар шаҳр 62 корхонаю коргоҳҳои саноатӣ фаъолият мекунанд, ки истеҳсоли маҳсулот дар онҳо бо истифодаи ашёи хоми маҳаллӣ ва беруна ба роҳ монда шудааст. Дар сохтори соҳавӣ ҷои асосиро истеҳсоли хишт, қуму шағал, коркарди металл, коркарди пахта, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, бештар гандум ишғол менамояд. Ба ҳолати 1 январи соли 2015 ҳиссаи корхонаҳои саноатӣ дар қисми воридоти буҷети маҳаллӣ қариб 39 фоизро ташкил менамояд.

Диаграммаи №1. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар тӯли солҳои 2010-2014 (млн. сомонӣ)




Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ тайи панҷ соли охир 63 фоиз афзоиш ёфтааст. Сабаби болоравии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ин ба фаъолият оғоз намудани коргоҳҳои нави саноатӣ мебошад.

*Ҷадвали №1 Ҳолати корхонаҳои саноатӣ ба 1 январи соли 2015*

| № | Номгӯи корхона | Номгӯи маҳсулоти истеҳсолшаванда | Иқтидори истеҳсолии корхона | Ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда (сомонӣ) | | Ҳолати техникӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Бо нархи муқоисавӣ | Бо нархи соли ҷорӣ | |
| 1 | ҶДММ «Доро оҳангар» | Маҳсулоти хизматрасонӣ | 100,0 ҳ. сом | 36000 | 36000 | коршоям |
| | | Зарфҳои алюминӣ | 10,0 ҳ. дона | | | |
| | | Маҳсулоти қолибӣ | 10,0 тонна | | | |
| | | Маҳсулоти истеҳсолшуда | 100,0 ҳ. сом | | | |
| 2 | ҶДММ «Керамзит» | Керамзит | 25000 ҳ.м. куб | 1266829 | 1266829 | фарсуда, коршоям |
| | | Хишт | 900 ҳ. дона | | | |
| 3 | ҶДММ «Ноширон» | Рӯзнома | 1000,0 ҳ. нусха | 843565 | 843565 | коршоям |
| | | Бланкаҳо | 1000,0 ҳ. нусха | | | |
| 4 | Комбинати нобиноён | Симтур | 40 ҳ. м. кв | 225052 | 225052 | фарсуда, коршоям |
| | | Банд | | | | |
| 5 | | Нахи пахта | 15000,0 т | | | |
| | | Матои бе тору пуд | 10,0 ҳ. м. кв | | | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | ЧСНП «Пахта» | Пумбадона<br>Пат<br>Линт<br>Улок | 2000,0 т<br>30,0 т<br>80 т<br>30,0 т | 110000 | 20354 | фарсуда, коршоям |
| 6 | КММ «Сайёд» | Ангишт | 40,0 х. т | 2938765 | 2938765 | коршоям |
| 7 | ЧДММ «Такшу» | Маҳсулоти шустушуӣ | 200,0 ҳ. дона | 878408 | 878408 | коршоям |
| 8 | ЧДММ «Тули-Перс-2010» | Хокаи чомашӯӣ | 2 х. т | 0 | 0 | фарсуда |
| 9 | ЧДММ «Исмоил» | Кат | 30,0 д | 0 | 0 | коршоям |
| 10 | ЧДММ «Зафарёб» | Зирбаки таом | 3000,0 литр | 8000 | 8000 | фарсуда, коршоям |
| 11 | ЧДММ «Маркиз ва кристалл» | Оби нушокӣ<br>Пиёзи анзур | 50,0 х. литр<br>1000,0 лтр | 0 | 0 | нав |
| 12 | Матлубот | Истеҳсоли нон<br>Маҳсулоти қаннодӣ<br>Сехи дузандагӣ<br>Сементблок | 500,0 т<br>50,0 т<br>100,0 х. сом<br>20,0 х.д | 671700 | 671700 | коршоям |
| 13 | Бозори марказӣ | Нон<br>Маҳсулоти қаннодӣ | 100,0 т<br>30,0 т | 427400 | 427400 | коршоям |
| 14 | Корхонаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ | Консерва | 1600,0 туб | 682992 | 682992 | нав |
| 15 | ЧДММ «Кони-Дон» (Ҷасур) | Орди навъи 1<br>Орди навъи 2<br>Сабус | 600,0 т<br>300,0 т<br>150,0 т | 617412 | 617412 | фарсуда, коршоям |
| 16 | ЧДММ «Муҳаммад» | Яхмос | 500,0 кг | 10776 | 11587 | коршоям |
| 17 | ЧДММ «Зилол» | Консерва | 500,0 туб | 42000 | 42000 | фарсуда |
| 18 | ЧДММ «Ғалатмо» | Маҳсулоти ширӣ | 30,0 х. кг | 98905 | 106350 | нав |
| 19 | ЧСНК «РМЗ» (ЗТМ) | Таъмири асосии механикӣ (электрод)<br>Таъмири автошина<br>Қисмҳои эҳтиётӣ<br>Механизми борбардор<br>Таъмири Трансфор-матор | 12000,0 х. сом | 1254870 | 1254870 | фарсуда, коршоям |
| 20 | ЧДММ Иҷораи РМЗ | Қисмҳои эҳтиётӣ | 2700,0 х. сом | 909900 | 909900 | коршоям |
| 21 | ЧДММ «Камолиён» | Дигар намуди ашёҳои фулузотӣ<br>маҳсулоти сохтмонӣ | 170,1 х. сом | 59235 | 59235 | коршоям |
| 22 | ЧСК «Қисмҳои эҳтиётӣ» | Қисмҳои эҳтиётӣ | 310,2 х.сом | 115090 | 115090 | фарсуда, коршоям |
| 23 | ЧДММ «Талант» | Хишти пухта | 2000000д | 93500 | 93500 | нав |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 24 | *ЧСНП «Суперпласт-плюс»* | *Қубурҳои полиэтиленӣ* | *3000000 п/м* | *1630759* | *1630759* | *коршоям* |
| 25 | ЧДММ «Новопласт» | Тиреза ва дар | 800,0 м. кв | 124476 | 124476 | коршоям |
| 26 | ЧДММ «Пластик-Ваҳдат-2010» | Кубур | 300,0 х. метр | 783950 | 783950 | коршоям |
| 27 | ЧДММ «Софленпласт» | Дару тирезаҳои пластикӣ | 500,0 м.кв | 68100 | 68100 | нав |
| 28 | ЧДММ «Синопласт плюс» | Зарфи пластикӣ | 3000000 д | 237291 | 237291 | нав |
| 29 | ЧДММ «Джон-Фу» | Арматура | 1500,0 т | 1136196 | 1136196 | коршоям |
| 30 | ЧДММ «Дон фан» | Арматура | 200,0 т | 0 | 0 | фарсуда |
| 31 | ЧДММ «Баҳор-2012» | Арматура | 1000,0 т | 0 | 0 | фарсуда |
| 32 | ЧДММ «Стонг» | Арматура | 200,0 т | 0 | 0 | фарсуда |
| 33 | ЧДММ «Ченг тенг» | Арматура | 200,0 т | 0 | 0 | фарсуда |
| 34 | ЧДММ «Ваҳдат-Хуолун» | Семент | 180,0 х. т | 4668234 | 4668234 | нав |
| 35 | ЧСП «Эверест-лонг» | Хишти пухта | 3000000д | 149250 | 149250 | нав |
| 36 | Муассисаи ислоҳотии 3/10 | Симтур<br>Маҳсулоти дӯзандагӣ<br>Сандуқ<br>Шестерна<br>Лойблок | 3000,0 м.кв<br>1000,0 д<br>100,0 д<br>500,0 д<br>150,0 х. д. | 188067 | 188067 | фарсуда, коршоям |
| 37 | Муассисаи ислоҳотии 3/2 | Хишти пухта | 3000000 д | 432383 | 432383 | фарсуда, коршоям |
| 38 | ЧДММ «Шӯҳрати Ҷаҳонгир» | Хишти пухта | 2000000 д | 436831 | 436831 | коршоям |
| 39 | ЧДММ «Фирӯз-Бинокор» | Хишти пухта | 1000000 д | 206490 | 206490 | коршоям |
| 40 | ЧДММ «Тиан-Цай» | Хишти пухта | 1000000 д | 198925 | 198925 | коршоям |
| 41 | ЧДММ «Эрач-К» | Хишти пухта | 1500000 д | 213530 | 213530 | коршоям |
| 42 | ЧДММ «Хушдилон» | Семенблок | 30,0 х. д | 25140 | 25140 | нав |
| 43 | ЧСНП «Строй-Форс» | Хишти пухта | *1500000 д* | *228609* | *228609* | коршоям |
| 44 | ЧДММ «Коргар-2014» | Хишти пухта | 1000000 д | 233616 | 233616 | коршоям |
| 45 | ЧДММ «Иброҳим» | Хишти сементӣ | 50,0 х. д | 7400 | 7400 | коршоям |
| 46 | ЧДММ «Соҳили ободӣ» | Хишти сементӣ | 80,0 х. д | 0 | 0 | фарсуда |
| 47 | ЧДММ «Панҷрӯд» | Хишти пухта | 2000000 д | 0 | 0 | фарсуда, коршоям |
| 48 | ЧСК «УМР» | Цеменблок лойблок<br>Кум<br>Шағал | 20,0 х.д<br>600,0 х. м.куб<br>2000,0 х. м.куб | 479799 | 479799 | нав |
| 49 | ЧДММ «Анвар-К» | Шағал<br>Кум<br>Смес | 30,0 х. м.куб<br>30,0 х м. куб<br>20,0 х. м. куб | 290322 | 290322 | коршоям |
| 50 | ЧДММ «Интер | Шағал | 15,0 | | | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | сириус» | | х.м. куб | | | |
| | | Кум | 10,0 х. м.куб | | | |
| 51 | ЧДММ «Точик интер» | Сангреза | 20,0 х. м. куб | 66925 | 66925 | коршоям |
| 52 | ЧСК «Маданият» | Кум | 2000,0 м куб | 103722 | 103722 | нав |
| 53 | ЧДММ «Сифат сохтмон» | Шагал | 10,0 х.м. куб | 119773 | 119773 | нав |
| | | Кум | 10,0 х. м.куб | | | |
| 54 | Корхонаи коркарди «Пашм» | Коркарди пашм | 100,0 х. кг | 0 | 0 | нав |
| 55 | ЧДММ «Точик-Хуа ши Тай» | Пуст | 100,0 х.д | 435564 | 435564 | нав |
| 56 | ЧДММ «Ахрорчон-2001» | Қоғази ташноб | 100000д | 36100 | 36100 | нав |
| 57 | ЧДММ«Динора» | Мухр ва сика | 200,0 д | 12853 | 12853 | нав |
| 58 | ЧДММ «Силовсин» | Маҳсулоти ширӣ | | 231860 | 231860 | нав |
| 59 | ЧДММ «Сомон сангреза 2009» | Шагал | 20,0 х.м. куб | 7000 | 7000 | коршоям |
| | | Кум | 15,0 х. м.куб | | | |
| 60 | Филиали Ёкут-2000 | Духти сару либоси мактабӣ | 200,0 х.д | 159200 | 159200 | нав |
| 61 | ЧДММ «Сармояи байналмилалии Дубай» | Пустинчаи чармин | 100,0 х.д | 163200 | 163200 | нав |
| | | пӯсти гӯсфанд | 100,0 х.д | | | |
| 62 | ЧДММ «Дуредгар-2013» | Дару тирезаи чубӣ | 1000,0 м. кв | 20500 | 20500 | нав |

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аз 62 корхонаи саноатии фаъолияткунанда 32 фоиз ё, ки 20 корхона нав буда, боқимонда 68 фоизи он корношоям ва фарсуда мебошанд. Шумораи корхонаҳои саноатӣ дар шаҳри Ваҳдат нисбат ба баъзе ноҳияҳои ҷумҳурӣ зиёд шуда бошанд ҳам, вале на ҳамаи онҳо ба иқтидори пурра фаъолият менамоянд. Бинобар сабаби набудани барқи доимӣ дар давраи тирамоҳу зимистон, инчунин фарсуда гаштани технологияи мавчуда ва зиёд гаштани харочоти иқтисодӣ қисме аз онҳо аз фаъолият бозмондаанд. Афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот аз як тараф дар натиҷаи баландшавии нарх ба вуҷуд омада бошад ҳам, аз тарафи дигар ба зиёдшавии корхонаҳо алоқаман аст. Соли 2014 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 24,6 млн. сомониро ташкил дод, ки дар қиёс ба соли 2010 14,4 фоиз афзоиш ёфтааст.

*Ҷадвали №2. Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар тӯли солҳои 2010 - 2014 (бо нархҳои муқоисавӣ (ҳазор сомонӣ))*

| № | Номи корхона | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2014 нисбат ба 2010 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | ЧДММ «Доро оҳангар» | 230,0 | 847,0 | 142,7 | 87,0 | 36,0 | 15,7 |
| 2. | ЧДММ «Керамзит» | 1296,0 | 1191,0 | 792,5 | 1437,3 | 1266,8 | 97,7 |
| 3. | ЧДММ «Ноширон» | 306,0 | 250,0 | 312,5 | 685,3 | 843,6 | 2,7 бар |
| 4. | Камбинати нобиноён | 165,0 | 450,0 | 605,0 | 121,9 | 225,0 | 136,4 |
| 5. | ЧСНП «Пахта» | 5141,0 | 7501,0 | 5693,0 | 4928,2 | 20,3 | 0,4 |
| 6. | КММ «Сайёд» | 2268,0 | 1883,0 | 2318,1 | 2551,5 | 2938,7 | 129,6 |
| 7. | ЧДММ «Исмоил» | 0 | 0 | 6,0 | 3,0 | 0 | |
| 8. | ЧДММ «Зафарёб» | 0 | 36,0 | 16,1 | 8,1 | 8,0 | |
| 9. | ЧДММ «Маркиз ва кристал» | 0 | 0 | 3,1 | 19,0 | 0 | |
| 10. | Матлубот | 458,0 | 304,0 | 318,2 | 491,3 | 671,7 | 146,7 |
| 11. | Бозори марказӣ | 161,0 | 190,0 | 323,8 | 433,6 | 427,4 | 2,6 бар |
| 12. | Корхонаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ | 0 | 0 | 656,8 | 422,1 | 682,9 | |
| 13. | ЧДММ «Кони-Дон» Часур | 3768,0 | 6429,0 | 2584,6 | 570,4 | 617,4 | 16,4 |
| 14. | ЧДММ «Зилол» | 50,0 | 53,0 | 0 | 0 | 42,0 | 84,0 |
| 15. | ЧСНК «РМЗ» (ЗТМ) | 3207,0 | 3610,0 | 3856,2 | 2868,1 | 1254,8 | 39,1 |
| 16. | ЧДММ Ичораи РМЗ | 1020,0 | 895,0 | 900,0 | 909,9 | 909,9 | 89,2 |
| 17. | ЧДММ «Камолиён» | 257,0 | 297,0 | 56,7 | 50,8 | 59,2 | 23,0 |
| 18. | ЧСК «Қисмҳои эҳтиётӣ» | 75,0 | 87,0 | 103,4 | 114,4 | 115,1 | 153,5 |
| 19. | ЧСНП «Суперпластплюс» | 415,0 | 700,0 | 1130,0 | 1647,3 | 1630,7 | 3,9 бар |
| 20. | ЧДММ «Новопласт Ваҳдат» | 10,0 | 15,0 | 53,5 | 74,8 | 124,5 | 12,4 бар |
| 21. | ЧДММ Пластик- Ваҳдат | 33,0 | 88,0 | 224,3 | 450,5 | 783,9 | 23,7 бар |
| 22. | ЧДММ «Джон-Фу» | 924,0 | 1317,0 | 1387,9 | 847,7 | 1136,1 | 123,0 |
| 23. | ЧДММ «Дон фан» | 150,0 | 123,0 | 125,4 | 176,7 | 0 | |
| 24. | Муассисаи ислоҳотии 3/10 | 29,0 | 67,0 | 108,0 | 92,1 | 188,0 | 6,4 бар |
| 25. | Муассисаи ислоҳотии 3/2 | 357,0 | 310,0 | 353,8 | 439,9 | 432,4 | 121,1 |
| 26. | ЧДММ «Шуҳрати Чаҳонгир» | 196,0 | 176,0 | 224,1 | 475,2 | 436,8 | 2,2 бар |
| 27. | ЧДММ «Фирӯз-Бинокорон» | 0 | 48,0 | 124,6 | 205,1 | 206,5 | |
| 28. | ЧДММ «Эрач-К» | 109,0 | 110,0 | 142,7 | 182,2 | 213,5 | 195,9 |
| 29. | ЧДММ «Хушдилон» | 0 | 0 | 18,8 | 33,0 | 25,1 | |
| 30. | ЧСНП «Строй-Форс» | 152,0 | 112,0 | 327,1 | 264,0 | 228,6 | 150,4 |
| 31. | ЧСК «УМР» | 0 | 0 | 186,9 | 264,8 | 479,8 | |
| 32. | ЧДММ «Анвар-К» | 110,0 | 242,0 | 373,7 | 398,7 | 290,3 | 2,6 бар |
| 33. | ЧДММ «Интерсириус» | 118,0 | 144,0 | 164,9 | 173,7 | 266,2 | 2,2 бар |
| 34. | ЧДММ «Точик интер» | 0 | 0 | 57,3 | 95,3 | 66,9 | |
| 35. | Корхонаи коркарди Пашм | 0 | 0 | 144,5 | 0 | 0 | |
| 36. | ЧДММ «Муҳаммад» | 0 | 0 | 0 | 11,6 | 15,6 | |
| 37. | ЧДММ «Ғалатмо» | 0 | 0 | 0 | 106,3 | 181,5 | |
| 38. | ЧДММ «Софленпласт» | 0 | 0 | 0 | 60,8 | 68,1 | |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 39. | ЧДММ «Хуолун Вахдат» | 0 | 0 | 0 | 2898,3 | 4668,2 | |
| 40. | ЧДММ «Такшу» | 0 | 0 | 149,1 | 1015,9 | 878,4 | |
| 41. | ЧДММ «Тоҷик-Хуа ши Тай» | 0 | 0 | 0 | 989,8 | 435,5 | |
| 42. | ЧДММ «Динора» | 0 | 0 | 0 | 6,3 | 12,8 | |
| 43. | ЧДММ «Сифатсохтмон» | 0 | 0 | 0 | 13,0 | 119,7 | |
| 44. | ЧСК «Маданият» | 0 | 0 | 0 | 21,7 | 103,7 | |
| 45. | ЧДММ «Тули перс-2010» | 0 | 76,0 | 137,1 | 0 | 0 | |
| 46. | ЧДММ «Баҳор-2012» | 0 | 0 | 294,8 | 0 | 0 | |
| 47. | ЧДММ «Стонг» | 176,0 | 26,0 | 0 | 0 | 0 | |
| 48. | ЧДММ «Ченг-тенг» | 89,0 | 87,0 | 0 | 0 | 0 | |
| 49. | ЧДММ «Соҳили обод» | 43,0 | 0 | 0 | 0 | 0 | |
| 50. | ЧДММ «Панҷрӯд» | 108,0 | 122,0 | 0 | 0 | 0 | |
| 51. | ЧДММ «Аҳрорҷон-2001» | 0 | 0 | 0 | 0 | 36,1 | |
| 52. | ЧСП «Эверест-лонг» | 0 | 0 | 0 | 0 | 149,2 | |
| 53. | ЧДММ «Тиан цай» | 0 | 0 | 0 | 0 | 198,9 | |
| 54. | ЧДММ «Коргар-2014» | 0 | 0 | 0 | 0 | 233,6 | |
| 55. | ЧДММ «Синопласт-плюс» | 0 | 0 | 0 | 0 | 237,3 | |
| 56. | ЧДММ «Талант» | 0 | 0 | 0 | 0 | 93,5 | |
| 57. | ЧДММ «Силовсин» | 0 | 0 | 0 | 0 | 231,8 | |
| 58. | ЧДММ «Сомон сангреза 2009» | 0 | 0 | 0 | 0 | 7,0 | |
| 59. | Филлиали Ёқут-2000 | 0 | 0 | 0 | 0 | 159,2 | |
| 60. | ЧДММ «Сармояи байнал Дубай» | 0 | 0 | 0 | 0 | 163,2 | |
| 61. | ЧДММ «Дуредгар-2013» | 0 | 0 | 0 | 0 | 20,5 | |
| 62. | ЧДММ «Иброҳим» | 0 | 0 | 0 | 0 | 7,4 | |
| | | 21543 | 28437 | 24418 | 26647 | 24650 | 114,4 |

Коҳишёбии маҳсулоти саноатӣ дар баъзе корхонаву коргоҳҳо аз ҳисоби баланд гардидани арзиши аслии маҳсулот, мунтазам таъмин нагаштани барқ, маводи сӯзишворӣ ва дастрас нагардидани ашёи хом ба вуҷуд омадааст.

Болоравии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ асосан аз ҳисоби ворид намудани технологияҳои нав, таъсис додани корхонаҳои хурду миёна бо ҷалби сармояи хориҷию ватанӣ (12 адад) ба амал омадааст.

Дуруст ба роҳ мондани рушди корхонаҳои саноатӣ то соли 2020 дар шаҳр метавонанд дар оянда ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ мусоидат намуда, бозори дохилию беруниро бо маҳсулоти худӣ таъмин намоянд. Мутаассифона, ҳоло дар шаҳри Ваҳдат корхонаҳое мавҷуданд, ки то ҳол бо иқтидори пурраашон фаъолият намекунанд. Ин мушкилот дар корхонаҳои «Доро оҳангар», «Керамзит», «Ҷасур», «Камолиён», «Эраҷ К», «Исмоил» «Зафарёб», Муассисаи 3,2, корхонаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, ҷамъияти Нобиноён дида мешавад, илова бар ин дар ин давра 12 корхона умуман фаъолият накардаанд. Дар сурати бо иқтидори пурра фаъолият намудани корхонаҳои номбурда, ҷойҳои нави корӣ таъсис ёфта, ба буҷети корхона даромади иловагӣ ворид мегардад.

Дар солҳои охир соҳаи боғу токпарварӣ ва сабзавоткорӣ дар шаҳру деҳот рушд ва инкишоф ёфта истодааст, ки ин ба зиёд гаштани ашёи хом, ҷиҳати ба роҳ мондани истеҳсолот дар корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ мусоидат менамояд. Дар ин замина, бо истифода аз захираи меҳнатии дохилӣ ташкил намудани сехҳои хурди коркарди маҳсулоти кишоварзӣ (консервабарорӣ ва шарбатбарорӣ) ҷиҳати таъмин намудани аҳолии дохила ва беруна бо ин намуди маҳсулот ба мақсад мувофиқ мебошад.

Ташкил намудани корхонаҳои саноатии муштарак дар шаҳру деҳот яке аз самтҳои афзалиятноки соҳа маҳсуб меёбад, ки дар натиҷаи он метавон сармояи иловагии хориҷиро ҷалб намуд. Ин ҳамкориҳо метавонанд дар масъалаи ташкили корхонаҳои нави истеҳсоли хишт, арматура, қубурҳои полиэтиленӣ ва собуну хокаи ҷомашӯӣ, истеҳсоли тилло, гранит ва мармар сурат гирад. Айни замон, дар бозорҳои шаҳр ва ҷамоатҳои деҳот барои фурӯши маҳсулоти истеҳсоли саноатии маҳаллӣ нуқтаҳои савдо кушода шудаанд, ки барои сари вақт ба фурӯш гузоштани маҳсулоти истеҳсолгардида ва дарёфти харидорони нав мусоидат менамояд.

Рушди устувори соҳаи саноати шаҳрро метавон бо ҷалби бештари соҳибкорони ватанӣ таъмин намуд, зеро соҳибкорон яке аз қувваҳои асосии пешбарандаи рушди иқтисодиёт ба ҳисоб рафта, дар натиҷаи ҷалби фаъоли онҳо метавон бисёр мушкилоти ҷойдоштаро ҳаллу фасл намуд.

Аз ҳисоби соҳибкорони маҳаллӣ имконияти бо таҷҳизоти ҳозиразамон таъмин намудани корхонаҳои мавҷуда ва ташкил намудани корхонаҳои хурду миёна вуҷуд дорад. Дар навбати худ мақомоти маҳаллӣ омода аст, ки ҳамаи шароитро барои соҳибкороне, ки мехоҳанд ба рушди соҳаи саноат саҳм гузоранд, муҳайё созад ва кӯшиш менамояд, ки як қатор имтиёзҳоро барои онҳо ҷорӣ намояд. Барои расидан ба мақсадҳои гузошташуда дар солҳои охир бо дастгирии соҳибкорони ватанӣ корхонаҳои коркарди қуму шағал, пашм, истеҳсоли хишт, арақ, маҳсулоти қаннодӣ ва ғайра сохта ба истифода дода мешавад.

**3. Соҳибкории хурду миёна**

Таҳлили ҳолати мавҷуда. Соҳибкории хурду миёна (СХМ) дар рушди иқтисодиёти шаҳру деҳот мавқеи хосса дорад. Мувофиқи маълумоти расмӣ соли 2012 7445 субъекти соҳибкорӣ, соли 2013 8741 субъекти соҳибкорӣ ва ба ҳолати 1 январи соли 2015 дар ҳудуди шаҳру деҳот 9058 субъекти соҳибкорӣ ба қайд гирифта шуда, аз он 3002 нафар тавассути патент ва 6056 нафар бо шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ фаъолият мекунанд.

Дар шаҳр фаъолияти соҳибкории хурду миёна вусъат ёфта, қисми зиёди соҳибкорон дар соҳаи тиҷорат ва хӯроки умумӣ машғул мебошанд. Дар баробари ин тайи солҳои охир дар соҳаҳои кишоварзӣ, сохтмон, иҷтимоӣ, хизматрасонии маишӣ ва дигар соҳаҳо низ саҳми соҳибкорон зиёд гардида истодааст.

Дар солҳои оянда аз ҳисоби сохтмонҳои нав, ташкили хоҷагиҳои деҳқонӣ, марказҳои савдо ва дӯкону мағозаҳо шумораи соҳибкорони андозсупор зиёд гардида, ҷойҳои нави корӣ таъсис ёфта, буҷети маҳаллӣ ғанӣ

гардонида мешавад. Ҳамзамон, бояд қайд кард, ки қариб 39 фоизи даромади буҷети маҳаллии шаҳр аз ҳисоби соҳибкорони хурду миёна ва соҳаи саноату хизматрасонӣ пурра мегардад.

## БОБИ 3. ИҶТИМОИЁТ

### 1. Тандурустӣ.

Барои ноил шудан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола соҳаи тандурустӣ яке аз бахши муҳим ба ҳисоб рафта, ба беҳбудии саломатии аҳолӣ нигаронида шудааст ва рушди устувори иқтисодиву иҷтимоии кишварро таъмин менамояд.

Мақсади соҳаи тандурустӣ дар давраи миёнамӯҳлат мунтазам паст кардани сатҳи фавти модару кӯдак, кам кардани мушкилот вобаста ба бемориҳои сироятӣ, инчунин аз байн бурдани баъзе сироятҳои (инфексияҳои) бо ваксина идорашаванда мебошад.

**Солимии модару кӯдак.** Тибқи ҳисоботи оморӣ соли 2014 шумораи занҳои қобили таваллуд 77475 нафарро ташкил медиҳад.

*Ҷадвали №1. Таваллуд ва фавти модарон дар солҳои 2012 - 2014*

| № | Нишондиҳандаҳо | 2012 | 2013 | 2014 |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Таваллуд, ҳамагӣ | 8472 | 9350 | 10141 |
| 2. | Таваллуд дар муассисаҳои тиббӣ | 6963 | 8040 | 8805 |
| | Фоиз | 82 | 86 | 86,8 |
| 3. | Таваллуд дар хона | 1509 | 1310 | 1336 |
| | Фоиз | 18 | 14 | 13,2 |
| 4. | Фавти модар (ба 100 ҳазор зинда таваллудшуда) | 2-23,8 | 2-21,5 | 3-29,9 |

*Ҷадвали №2. Тамоюлҳои бемории камхунӣ ва ҷоғар дар байни занҳои таваллудкарда дар солҳои 2012 - 2014*

| № | Нишондиҳандаҳо | 2012 | 2013 | 2014 |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Зиндатаваллуд, ҳамагӣ | 8385 | 9269 | 10028 |
| | Шумораи занҳои таваллудкарда | 8472 | 9350 | 10141 |
| 2. | Камхунӣ аз норасогии оҳан | 4125 | 4810 | 5120 |
| | бо % вобаста ба занҳои таваллудкарда | 48,7 | 51,4 | 50,4 |
| 3. | бемории ҷоғар | 1213 | 1283 | 1601 |
| | бо % нисбати занҳои таваллудкарда | 14,3 | 13,7 | 15,7 |

*Ҷадвали №3. Фавти кӯдакони то 1 сола ва то 5 сола дар солҳои 2012-2014*

| Нишондиҳандаҳо | 2012 | 2013 | 2014 |
|---|---|---|---|
| Фавти кӯдаки то 1- сола ба 1000 зиндатаваллуд | 70 | 117 | 127 |
| % | 8,1 | 12,5 | 12,6 |
| Фавти кӯдакони то 5 - сола ба 1000 зиндатаваллудшуда (шумораи фавт) | 97 | 160 | 171 |
| % | 11,4 | 17,1 | 17,0 |

**Бемориҳои сироятӣ.** Тайи даҳсолаи охир имкониятҳои хадамоти санитарию эпидемиологӣ дар қиёс бо сохторҳои дигари соҳаи тандурустӣ танг шудаанд.

Дар шаҳр 134 муассисаи табобатию амбулаторӣ, аз ҷумла 1 беморхонаи маркази шаҳр, 6 беморхона дар ҷамоатҳои деҳот, марказҳои шаҳрӣ - 9 (МНДСЭ, репродуктивӣ, стоматологӣ, мубориза бар зидди сил, вараҷа, ҳамбастагии бемориҳои кӯдакона, ташаккули тарзи ҳаёти солим, иммунопрофилактика), 1 маркази саломатии шаҳрӣ, 1 филиали маркази саломатии шаҳрӣ, 30 маркази саломатии деҳот, 79 бунгоҳи саломатӣ, 1 маркази ҷарроҳии худмаблағгузор ва 6 маркази тиббии хусусӣ фаъолият мебаранд.

*Ҷадвали №4. Сатҳи бемориҳои сироятӣ дар солҳои 2012-2014*

| Бемориҳои сироятӣ | 2012 | 2013 | 2014 |
|---|---|---|---|
| Домана | 9 | 26 | 17 |
| ба (100 ҳазор аҳолӣ) | 3 | 9 | 5,6 |
| Дарунравии тасдиқшуда | 225 | 207 | 257 |
| ба (100 ҳазор аҳолӣ) | 75 | 69 | 84,8 |
| Дарунравии тасдиқнашуда | 7237 | 8752 | 6015 |
| ба (100 ҳазор аҳолӣ) | 2412 | 2907 | 1985 |
| Исҳоли хунин | 0 | 0 | 0 |
| ба (100 ҳазор аҳолӣ) | 0 | 0 | 0 |
| Сумма ОКИ | 7472 | 8985 | 6289 |
| ба (100 ҳазор аҳолӣ) | 2490 | 2985 | 2076 |
| Гепатитҳо | 114 | 193 | 151 |
| ба (100 ҳазор аҳолӣ) | 38 | 64 | 50 |
| Брутселёз | 8 | 13 | 10 |
| ба (100 ҳазор аҳолӣ) | 3 | 4 | 3,3 |
| Газидани саг | 461 | 332 | 516 |
| ба (100 ҳазор аҳолӣ) | 153 | 110 | 170 |
| Бемории сил | 211 | 217 | 181 |
| ба (100 ҳазор аҳолӣ) | 70 | 72 | 60 |
| ВИЧ/СПИД | 63 | 52 | 52 |
| ба (100 ҳазор аҳолӣ) | 21 | 17 | 17 |
| Аҳолӣ, нафар | 300,4 | 301,4 | 309,6 |

Шумораи беморони гирифтори ВИЧ/СПИД нисбат ба соли 2012 ба 17,5 фоиз кам шудааст, ки сабаби асосии он татбиқи дурусти Барномаи мубориза бар зидди бемории ВИЧ/СПИД мебошад (гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳиву профилактикӣ, ташхиси бармаҳал ва ғ.).

*Диаграммаи №1* Шумораи беморони аз ВИЧ/СПИД сироятёфта




Дар шароити имрӯза таҷҳизоту лавозимоти зарурии муассисаҳои тибии амалкунанда фарсуда ва қисман корношоям шудаанд, ки барои сифати хизматрасониҳои тиббӣ мушкилӣ эҷод мекунад. Инчунин, дар деҳаҳои дурдаст нарасидани мутахассисони касбӣ ба монанди; табибони бемориҳои руҳӣ, наркологҳо, онкологҳо, дояпизишкҳо, беҳёру момодояҳо, умуман 64 нафар табибон ва 123 нафар ҳамшираҳои шафқат намерасанд. Ба ғайр аз ин, 17 деҳаи ҷамоатҳои деҳоти ноҳия бунгоҳҳои саломатӣ надоранд.

Хароҷоти буҷети маҳаллӣ барои таъмини фаъолияти мӯътадили системаи мавҷуда, хусусан барои қонеъ гардонидани талаботи аввалиндараҷа 21 фоизро ташкил медиҳад ва ба гурӯҳҳои аз ҳама осебпазири аҳолӣ нигаронидани захираҳо нокифоя мебошад. Бинобар ин, зарурати ба хизматрасонии пулакӣ ҳарчӣ зиёдтар ҷалб намудани муассисаҳои тиббии аз ҳисоби буҷет маблағгузоришаванда ба миён омадааст.

Беҳбудии сифати хизматрасонии тиббӣ на танҳо ба афзоиши воситаҳои молиявӣ, балки ба ислоҳоти сохторхое, ки барои таъмини истифодаи самараноки захираҳои физикӣ (инфрасохтор), молиявӣ ва инсонӣ равона гардидаанд, эҳтиёҷ дорад.

**Мушкилоти системаи тандурустӣ:**

| | Номгӯи мушкилотҳо | Макони ҷойгиршавӣ |
|---|---|---|
| 1 | Набудани биноҳои бунгоҳҳои саломатӣ ва дар мактабҳо ҷойгир будани онҳо | Бунгоҳи саломатии Ғалчагии Ҷамоати деҳоти «Чорсу», бунгоҳи саломатии Обидараи Ҷамоати деҳоти ба номи А.Абдулвосиев. деҳаҳои «Меҳргон» ва «Шарифобод», бунгоҳи саломатии Кӯҳдомани Ҷамоати деҳоти «Гулистон», бунгоҳи саломатии Холмуроди Ҷамоати деҳоти ба номи К. Исмоилов, деҳаҳои Қалъаи Малик, Чеписолеҳ, Мӯъминобод ва Найдара; бунгоҳҳои саломатии деҳаҳои Лошхарф, Варва, Твиш, Сайёд ва Сорвои Ҷамоати деҳоти «Ромит»; бунгоҳҳои саломатии деҳаи Абдурасулии Ҷамоати деҳоти ба номи Р. Исмоилов ва Панҷикони Ҷамоати деҳоти «Симиганҷ»; **Ҷамъ 13 бино** |
| 3 | Фарсуда ва ё норасоии таҷҳизот | Беморхонаи марказии шаҳр ва муассисаҳои тобеи он |
| 4 | Норасогии дорувориҳои бепул барои шахсони имтиёздошта | Беморхонаи марказии шаҳрӣ марказҳои саломатии деҳот |
| 5 | Фарсуда ва корношоям гардидани катҳо, таҷҳизоти зарурӣ (кӯрпаю болишт ва болопӯшҳо) | Муассисаҳои тандурустии дар деҳот ҷойгирбуда |
| 6 | Таъмири таҳлилгоҳи беморхонаи марказӣ. | Маркази шаҳр (дар бинои беморхонаи марказӣ) |
| 7 | Нарасидани кормандони соҳаи тиб дар деҳот, табибони тибби оилавӣ | Дар тамоми деҳаҳо |

**2. Маориф**

Соҳаи маориф ҳамчун омили муҳими рушди ҷомеа барои ноил гардидан ба як қатор ҳадафҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ нақши муҳим мебозад. Таъминоти маълумоти босифат омили муҳими расидан ба рушди устувор ва одилона аст. Пастшавии сатҳи иштирок дар дарсҳо, вусъати тафриқаи гендерӣ, афзоиши монеаҳо дар амри гирифтани маълумоти асосии умумӣ барои ҳамаи кӯдакон аз гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, нақшаҳо ва барномаҳои таълимии номутобиқ ба замон, бо технологияи муосири замонавӣ таъмин намудани мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ, нигоҳдории муаллимони ботаҷриба дар мактаб, вазъи нобаробар ва бадшавандаи инфрасохтори мактабӣ бархе аз он мушкилиҳоянд, ки имрӯз дар пеши мақомоти маҳаллии шаҳр қарор доранд. Барномаи рушди иҷтимоиюю иқтисодии шаҳри Ваҳдат барои солҳои 2016-2020 метавонад дар ҳалли масъалаҳои ҷойдошта ҷиҳати инкишофи минбаъдаи соҳа такони ҷиддӣ бахшад.

Дар шаҳр 9 муассисаи томактабӣ ба таъмири асосӣ ниёз дошта, 21 мактаби шаҳру деҳот ба сохтмони синфхонаҳои иловагӣ зарурат дорад. Инчунин сохтмони 2 мактаб ва 2 кӯдакистон дар маҳаллаҳои навбунёди Бохтар ва деҳаи Истиқлолият пешбинӣ шудааст.

Дар тавозуни шӯъбаи маорифи шаҳр 17 муассисаи таҳсилоти томактабӣ, 147 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ (ибтидоӣ (синфҳои 1 - 4) 20 адад, асосӣ (синфҳои 1-9) 33 адад, миёна (синфҳои 1-11) 88 адад), 1 литсей, 1 гимназияи хусусӣ, 1 гимназияи хонандагони лаёқатманд дохил мешавад.

Инчунин 1 маркази таҳсилоти иловагӣ, мактаб – интернати «Дӯстӣ», 1 мактаби шабона, 1 мактаби нобиноён, 1 омӯзишгоҳи касбӣ (тиббӣ), 1 омӯзишгоҳи касбию техникии № 45 ва 1 техникуми омор фаъолият менамоянд.

*Ҷадвали №1. Шумораи хонандагон дар муассисаҳои таълимӣ дар солҳои хониши 2011-2014.*

| Солҳои хониш | 2010-2011 | | 2011-2012 | | 2012-2013 | | 2013-2014 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи хонандагон | Ҳамагӣ | аз он ҷумла духтарон | Ҳамагӣ | аз он ҷумла духтарон | Ҳамагӣ | аз он ҷумла духтарон | Ҳамагӣ | аз он ҷумла духтарон |
| Синфҳои 1-4 | 24723 | 12046 | 24029 | 11706 | 24421 | 12587 | 24670 | 11979 |
| Синфҳои 5-9 | 30589 | 14353 | 31087 | 14628 | 31051 | 14869 | 31598 | 15194 |
| Синфҳои 10-11 | 4600 | 1007 | 5467 | 1224 | 5457 | 1493 | 5573 | 1682 |
| Ҷамъ | 59912 | 27406 | 60583 | 27558 | 61076 | 28217 | 61841 | 28855 |

Иттилоот дар бораи аҳолии синни мактабӣ асоси банақшагирии сиёсати маориф мебошад. Шумораи умумии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ сол аз сол зиёд шуда бошад ҳам, вале ҳозирнашавии умумӣ ба дарсҳо аз тарафи писарону духтарон, бахусус дар синфҳои болоӣ паст шудааст. Тамоми хонандагон дар мактабҳои шаҳр дар ду баст ба таълим фаро гирифта шудаанд.

**Литсейи ба номи Т. Собир.** Литсейи мазкур бо қарори Раиси шаҳри Ваҳдат аз 20 августи соли 2012, №1061 дар заминаи гимназияи №4 таъсис дода шудааст. Шумораи умумии хонандагони литсей 297 нафарро ташкил дода, аз он ҷумла 94 нафарашон духтарон мебошанд. Дар литсейи мазкур 21 нафар омӯзгор фаъолият дошта, ҳамаи онҳо дорои маълумоти олӣ мебошанд. Литсей дорои 17 синфхонаи дарсӣ буда, бо мизу курсӣ ва асбобҳои айёнӣ таъмин мебошад. Дар литсей 10 адад компютер, 4 адад пинтер, 8 адад мошинаи дарздӯзӣ ва 6 адад дастгоҳи дуредгарӣ ва харротӣ мавҷуд аст. Литсей бо хатти софи барқ таъмин буда, бо ёрии гармкунакҳои барқӣ гарм ва бо оби нӯшокӣ таъмин мебошад. Ошхонаи литсей ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ нест. Дар айни замон литсей толори маҷлисгоҳ надорад.

**Гимназияи хонандагони лаёқатманди ба номи А. Балъамӣ.** Гимназияи мазкур соли 2010 фаъолияти худро оғоз кардааст. Дар гимназия 400 нафар хонанда таҳсил доранд, аз он ҷумла 80 нафарашон духтарон мебошанд. Дар гимназия 26 нафар омӯзгор фаъолият дорад, ки 24 нафари онҳо дорои маълумоти олӣ ва 2 нафар дорои маълумоти миёнаи махсус, аз он ҷумла 11 нафарашон занон мебошад. Гимназия иборат аз 23 синфхонаи дарсӣ буда, бо мизу курсӣ ва асбобҳои айёнӣ ва воситаҳои техникӣ таъмин мебошад. Дар гимназия 14 адад компютер ва 4 адад принтер мавҷуд аст.

***Таълими маълумоти миёнаи махсус*: Литсейи касбию техникии №45.** Литсейи мазкур барои 760 ҷойи нишаст мутобиқ карда шуда соли 1965 сохта шуда, мутахассисонро бо ихтисосҳои зерин тайёр мекунад: кандакорӣ дар чӯб, кафшергари газӣ - барқӣ, челонгари таъмири автомобил, дӯзандагӣ, мошиначии булдозер.

Инчунин дар омӯзишгоҳ курсҳои кӯтоҳмудат бо ихтисосҳои зерин фаъолият дорад: Кафшергари газӣ - барқӣ, мошиначии булдозер, ронандаи дараҷаи “В”, “С”, рангуборчӣ, андовагар, кандакор дар чӯб

**Коллеҷи омор.** Коллеҷи мазкур соли 1959 таъсис ёфта, барои 800 донишҷӯ пешбинӣ карда шудааст. Дар коллеҷ раванди таълим аз рӯи нақшаҳои таълимӣ барои ихтисосҳои зерин, аз ҷумла: омор, таъминоти барномаи коркарди маълумоти иқтисодӣ ва иттилоҳоти корӣ, иқтисодиёт ва идора дар корхонаҳои саноатӣ, иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот дар корхонаҳо ва комплексҳои агросаноатӣ ба роҳ монда шудааст.

**Коллеҷи тиббӣ.** Коллеҷи тиббии шаҳри Ваҳдат бо фармони Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 1966, №446 ташкил карда шудааст. Дар коллеҷ раванди таълим аз рӯи ихтисосҳои кори ҳамширагӣ, корҳои тиббӣ - ташхисӣ, корҳои тиббӣ - профилактикӣ ба роҳ монда шудааст.

**Инфрасохтори маориф.** Мушкилии асосии бахши маориф ин кӯҳнаю фарсуда гардидани биноҳои муассисаҳои таълимӣ мебошад. Мушкилоти дигар бошад дар масофаи дур ҷойгир будани мактабҳо мебошад, ки ин ба сифати таълим ва фарогирии талабагон ба таълиму тарбия таъсири манфӣ мерасонад (бахусус дар ҷамоатҳои деҳоти “Ромит”, “Чорсӯ”, ба номи А. Абдулвосиев ва ба номи К. Исмоилов).

Ҳамзамон, нарасидани синфхонаҳо бахусус дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №24, 25, 26, 34, 40, 49, 56, 62, 64, 65, 67, 104, 108, 111, 119, 125, 127, литсейи ба номи Т. Собир ва Маркази технология ва коммуникатсия, Маркази дарёфт ва тарбияи истеъдодҳои назди шӯъбаи маориф ба мушоҳида мерасад.

Ҳамчунин, 30 муассисаи таҳсилотӣ ба таъмири асосӣ ва иваз намудани болопӯши бом ва 51 муассисаи таҳсилотӣ ба сохтмони толорҳои варзишӣ ниёз доранд.

Ҳоло зарурат ба сохтмони муассисаи таҳсилотӣ нав барои 240 ҷои нишаст дар маҳаллаҳои навбунёди аҳолинишин, ки муассисаи таҳсилотӣ надоранд ва аз муассисаи таҳсилотии амалкунанда дар масофаи дур ҷойгиранд, ба миён омадааст.

Дар баробари ин, бо назардошти сохтмони биноҳои нави муассисаи таҳсилотӣ ва синфхонаҳои иловагӣ ва кӯҳнаю фарсуда шудани таҷҳизоти мактабӣ дар солҳои оянда 12237/24474 ҷуфт мизу курсиҳои талабагӣ, 1025 ҷуфт мизу курсиҳо барои омӯзгорон, 500 ҷевони китобмонӣ, 630 адад тахтаи синфӣ ва 1030 мизу курсиҳо барои утоқҳои фанни компютерӣ намерасад.

**Системаи гармидиҳӣ.** Мушкилоти дигари асосӣ дар соҳаи маориф он аст, ки аксарияти муассисаи таҳсилотӣ (дар маҷмӯъ 126 муассисаи таҳсилотӣ) дар фасли тирамоҳу зимистон бо печкаҳои аловӣ гарм карда мешаванд. Системаи гармидиҳии буғии шаҳр гарчанде нигоҳ дошта шудааст, вале корношоям гардида, ба таъмири асосӣ ниёз дорад.

*Мушкилоти соҳаи маориф*

| Номгӯи мушкилот | Мавзеи ҷойгиршавӣ ва номгӯи онҳо |
|---|---|
| Дар ҳолати садамавӣ қарор доштани мактабҳо | муассисаи таҳсилотӣ №21, 46, 49, 100, 133 |
| Набудани бинои нави муассисаи таҳсилотӣ дар маҳаллаҳои навбунёди аҳолинишин | муассисаи таҳсилотӣ №28, 31, 34, 36, 48, 52, 53, 75, 77, 79, 76, 84, 85, 91, 92, 93, 97, 101, 102, 105, 107, 116, 118, 120, 121, 144, деҳаи Ориён, Ҷамоати деҳоти ба номи К. Исмоилов, деҳаи Панҷикони Ҷамоати деҳоти «Симиганҷ» дар Бостонсаройи деҳаи «Тангай», деҳаи Саричинори тоҷикон, Ҷамоати деҳоти «Гулистон» деҳаи Шуҳратёр, шаҳраки Шифои Ҷамоати деҳоти «Баҳор», маркази шаҳр, кӯчаи Бохтар |
| Норасогии мактаб-интернатҳо | Дар ҳудуди шаҳр |
| Норасогии синфхонаҳои иловагӣ | Дар назди муассисаи таҳсилотӣ №24, 25, 26, 34, 40, 49, 56, 62, 64, 65, 67, 104, 108, 111, 119, 125, 127, литсеи Темур Собир сохтмони бинои маркази технология ва комуникатсияи назди шуъбаи маориф |
| Ба таъмири асосӣ ниёз доштани болопуши мактаҳо | Муассисаи таҳсилотӣ 3, 4, 6, 8, 11, 12, 14, 15, 17, 18, 23, 32,34, 42, 54, 61, 62, 63, 66, 69, 90, 94, 99, 112, 116, 131, 133, 138, 139, 141, М, Э, К, ва Н. литсеи ба номи Темур Собир |
| Норасогии толорҳои варзишӣ | Муассисаи таҳсилотӣ 10, 11, 14, 15, 17, 18, 19, 21, 22, 24, 26, 27, 31, 32, 35, 40, 41, 43, 44, 45, 49, 54, 55, 58, 60, 72, 73, 76, 68, 70, 78, 81, 82, 83, 95, 98, 103, 125, 106, 108, 109, 112, 114, 119, 131, 133, 134, 135, 136 литсеи ба номи Темур Собир |
| Норасогии ошхонаҳо | Гимназияи А. Балъами, Т. Собиров |
| Таъмирталаб будани толорҳои варзишӣ | Муассисаи таҳсилотӣ 6,8,9,49,110,130 |
| Таъмирталаб будани болопӯшҳои кӯдакистонҳо | Кӯдакистонҳои 1,3,4,5,6,7,8,9,10,11,12,13,14,15,16,17 |
| Набудани системаи гармдиҳӣ | 15 муассисаи таҳсилотӣ ва 8 муассисаи томактабӣ |
| Набудани хати барқи тоза | Дар 72 муассисаи таълимӣ |
| Набудани хати оби нӯшокӣ | 38 муассисаи таълимӣ |
| Набудани системаи ташноб | Дар 12 муассисаи таълимӣ |
| Норасогии компютер | 322 адад дар 97 муассисаи таълимӣ |
| Норасогии мизу курсӣ, ҷевони китобмонӣ, тахтаи синфӣ ва дигар лавозимоти зарурӣ | Дар ҳамаи муассисаҳои таҳсилотӣ |
| Норасогии кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои бо тавру муосир муҷаҳҳазонидашуда | Барои 51 муассисаи таълимӣ |
| Норасогии мутахассисон ба фанҳои алоҳида | як қисми мактабҳо |
| Таъмири тирхонаҳо | 12 муассисаи таълимӣ |
| Таъмири буғхонаҳо | 24 муассисаи таълимӣ |
| Эҳтиёҷ ба таъмири асосӣ | Истироҳатгоҳи «Ҳамсафар» |

### 3. Ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ

Шаҳри Ваҳдат дорои системаи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ, таъминот бо нафақа, шуғл, муҳоҷирати меҳнатӣ, ҳифзи ҳуқуқи оила, кӯдакон, расонидани кӯмаки суроғавии иҷтимоӣ ба гурӯҳҳои осебпазир ва камбизоат мебошад. Марҳилаи кунунии рушди шаҳру деҳот бо мавҷудияти бекорӣ, тафриқаи намоёни вазъи иҷтимоӣ, имконияти то андоза маҳдуди иқтисодии қисми асосии аҳолии деҳот вазифаи ташкили ҷойҳои кории навро гузоштааст.

Бо ин мақсад дар давоми солҳои 2013 - 2014 аз ҷониби Раёсати Агентии меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ дар шаҳри Ваҳдат 5668 ҷойҳои нави корӣ ташкил карда шуд, ки аксарияти ин шаҳрвандон бо ҷойи кори доимӣ таъмин гардидаанд.

Бояд тазаккур дод, ки бо сабаби дигар шудани шакли моликият дар корхонаҳо, паст будани музди меҳнат ва набудани шароити мусоиди иҷтимоӣ, бахусус дар маҳалҳо нисфи зиёди бо кор қабулшудагон ҷойи кории худро тарк намуда, ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ ё ба муҳоҷирати меҳнатии бурунмарзӣ сафар мекунанд.

Тибқи маълумоти мавҷуда дар соли 2014 20731 нафар нафақахӯр ба қайд гирифта шудааст, ки талаботи умумии нафақа 44,242,8 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Дар шаҳр шӯъбаи ёрирасон амал менамояд, ки дорои 31 нафар коргар мебошад. Шӯъбаи мазкур ба 236 нафар пирони барҷомондаю шахсони танҳо, кӯмаки суроғавӣ мерасонанд. Шӯъбаи мазкур ҷиҳати баланд бардоштани хизмати сифатнок ва саривақтӣ ба нафақахӯрону маъюбони гурӯҳҳои гуногун, ба автомашинаи хизматӣ, компютерҳо (2 адад) ва дастгоҳи нусхабардорӣ ниёз дорад.

**Шуғли аҳолӣ.** Тӯли солҳои 2013-2014 суръати афзоиши аҳолӣ ба ҳисоби миёна 4,8 фоизро ташкил медиҳад, ки ба ташаккули бозори меҳнат таъсири бевосита мерасонад. Ба 1 январи соли 2015 аҳолии шаҳри Ваҳдат 309,7 ҳазор нафарро ташкил дода, аз ин 159,3 ҳазор нафар мард (51,4 фоиз) ва 150,4 ҳазор

нафар зан (48,6 фоиз) мебошад. Аз шумораи умумии аҳолӣ 59,1 фоизашон (179 ҳазор нафар) аҳолии қобили меҳнат ва 32 ҳазор нафар аҳолии ба кор машғулбуда мебошад.

4. Соҳаи фарҳанг

Соҳаи фарҳанги шаҳр таърихи ғанию тӯлонӣ дорад. Дар ҳудуди шаҳр 1 - муассисаи давлатии муҷтамаи осорхона, 1 - китобхонаи марказӣ ва 46 филиали он дар ҷамоатҳои деҳот, 1 - хонаи фарҳанги шаҳрӣ, 1 - қасри фарҳанг, 11 - хонаи фарҳанги деҳотӣ, 1 - боғи фарҳанги фароғатӣ, ансамблҳои фалак, эстрада, шашмақом, 1 - мактаби мусиқӣ, 1 - мактаби бачагонаи рассомӣ, бахши радиошунавонии «Садои Ваҳдат» ва студияи сабти овоз фаъолият мекунанд.

Мактаби мусиқии ба номи Фозил Солиеви шаҳри Ваҳдат аз 7 шӯъба иборат мебошад: шӯъбаҳои асбобҳои халқӣ, фортепяно, рақс, баян - аккордион, зарбӣ, нафасӣ, овозхонӣ ва асбобҳои камонакдор. Коллективи омӯзгорон аз 22 нафар иборат буда, аз он 10 нафарашон дорои маълумоти олӣ ва 12 нафар дорои маълумоти миёнаи махсус мебошанд.

Барои гузаронидани чорабиниҳои оммавию сиёсӣ ва фарҳангии шаҳр, Қасри фарҳанги шаҳр, ки соли 1959 сохта шудааст, ҳамчунин боғи марказии шаҳр бо афзудани аҳолии шаҳр, барои истироҳату фароғати шаҳрвандон ҷавобгӯ набуда, ба сохтмони Кохи фарҳанги нав ва Боғи фароғатии замонавӣ зарурат дорад.

5. Варзиш ва сайёҳӣ

**Варзиш.** Дар шаҳри Ваҳдат як мактаби варзишӣ мавҷуд аст, ки аз рӯи 12 намуди варзиш амал мекунад. Дар мактаби варзишӣ 16 нафар мураббӣ, як нафар роҳбар, як нафар мудири қисми таълимӣ, як нафар дастурдиҳанда кор мекунанд. Дар ихтиёри мактаби варзишӣ толори гӯштингирӣ, толори таэквандо, толори вазнбардорӣ, толори обу тоби бадан ва толори тениси рӯи миз мавҷуд мебошад.

Мувофиқи маълумоти оморӣ дар шаҳри Ваҳдат 204 иншооти варзишӣ фаъолият дорад, аз он ҷумла: варзишгоҳ бо 5 ҳазор ҷойи нишаст, 167 майдончаи варзишӣ, 34 толори варзишӣ ва 2 ҳавзи шиноварӣ.

Мавриди қайд аст, ки аксарияти толору майдонҳои варзишие, ки дар тобеияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ қарор доранд, таъмирталаб буда, танҳо толорҳои мактаби варзишӣ ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ аст.

*Ҷадвали №1.Натиҷаҳои иштироки варзишгарон дар мусобиқаҳои гуногун дар соли 2014*

| № | Сатҳи мусобиқаҳо | Медалҳо | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | тилло | нуқра | биринҷӣ | ҳамагӣ |
| 1 | Ҷумҳуриявӣ | 39 | 22 | 13 | 74 |
| 2 | Байналмилалӣ | 5 | 9 | 13 | 27 |
| 3 | Байниноҳиявӣ | 56 | 24 | 31 | 111 |
| | Ҳамагӣ | 100 | 55 | 57 | 212 |

**Сайёҳӣ.** Рушди соҳаи сайёҳӣ бо дарназардошти мавҷудияти ҷойҳои истироҳатӣ ва таърихӣ дар шаҳр имконияти хеле васеъ дорад. Дар қаламрави шаҳри Ваҳдат яке аз манзараҳои зеботарини Ҷумҳурӣ дараи «Ромит» ҷойгир аст. Дар ин дара оби шифобахши «Зайрон», «Мамнӯъгоҳи Ромит», 60 иншооти истироҳатӣ, таълимӣ, фароғатӣ ва истеҳсолӣ мавҷуд мебошад, инчунин 200 хонаҳои истироҳатӣ (дача) барои рушди соҳаи сайёҳӣ имкониятҳоро фароҳам меорад.

Мавҷудияти ҷойҳои истироҳатию фароғатии ин мавзеи зеборо ба назар гирифта, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 сентябри соли 2000, №358 «Дар бораи минтақаи истироҳат ва туризм» дараи Ромит ҳамчун минтақаи истироҳатӣ эълон гардид.

Дар ин замина ободкориҳои дараи Ромит эҳё гардида, 36 адад истироҳатгоҳ, 10 адад лагерҳои мактабӣ, 4 адад боғҳои таҷрибавӣ ва истироҳатӣ, коргоҳи иктишофӣ-геологӣ, заводи гулмоҳипарварӣ, оби шифобахши «Зайрон», базаи туристӣ, мамнӯъгоҳи Ромит, Ошхонаи «Насими Ёс» ба фаъолият оғоз намуда, барқарорсозии дигар истироҳатгоҳу табобатгоҳҳо идома дорад.

Дар баробари ин осоишгоҳи Тангаӣ барои табобат кӯдаконро қабул карда истодааст. Дар деҳаҳои Явроз ва Ромит стансияҳои мавҷқабулкунии телевизиони марказӣ ба истифода дода шуд. Барқарор шудани алоқаи телефонӣ байни шаҳру маркази Ҷамоати деҳоти «Ромит» амалӣ гардид.

Оби шифобахши «Зайрон» аз ҳисоби маблағҳои соҳибкорони маҳаллӣ аз нав ободу зебо гардида, барои табобатҳои касалиҳои дарди миёну пой ва буғумҳо шифобахш буда, дар як шабонарӯз то 200 мизоҷонро барои табобат қабул менамояд.

Дар истироҳатгоҳҳои кӯдакону наврасони «Ҳамсафар», «Булбулакон», «Коргарҷавонон», «Афсонаи Кӯҳӣ», Академияи илмҳо, «Садбарг», «Мағов», «Явроз», «Роҳи оҳан», «Кишоварз» ва ғайраҳо ҳар сол қариб 2800 нафар кӯдакону наврасон истироҳат менамоянд.

**Мамнӯъгоҳи «Ромит»** дар масофаи 80 км аз шаҳри Душанбе ва 50 км аз маркази шаҳри Ваҳдат дар байни ду дарё (Сардаи миёна ва Сорво) воқеъ буда, масоҳати он 16100 гектарро ташкил медиҳад.

Роҳ ба сӯи мамнӯъгоҳи «Ромит» сайргоҳи ҳақиқиро мемонад. Ҳоло дар ҳар ду ҷониби ин роҳ истироҳатгоҳҳои зиёде пайдо шудаанд ва диққати касро дарахтон ва манзараҳои табиати зебо беихтиёр ба худ ҷалб месозад. Гӯё табиат дар мамнӯъгоҳи «Ромит» тамоми шоҳкориҳоро ба вуҷуд овардааст. Бoду ҳавои муаттар, обҳои зулол, чашмаҳои равон ва гӯшаҳои он то ҳанӯз дар ҳолати табиӣ боқӣ мондааст.

Тибқи Барномаи давлатии рушди ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда ба нақша гирифта шудааст, ки мақоми мамнӯъгоҳ бояд дигар карда шавад (резервати биосферӣ) ва масоҳати он аз имрӯза дида якчанд маротиба зиёд мешавад.

Ин амал барои ташкили туризми экологӣ мусоидат менамояд, чунки сайёҳон имконият пайдо менамоянд, ки манзараҳои беҳтарини мамнӯъгоҳ

ёдгориҳои табиӣ ва дигар мавзеъҳоро бе мамониат тамошо намуда, аз захираҳои табиии он оқилона истифода баранд.

Дар ҳудуди мамнӯъгоҳ, дар натиҷаи кофтуковҳои бостоншиносӣ ёдгориҳои таърихӣ- Қалъаи посбонҳо дар деҳаи Хушон, Қалъаи Ҳисорак дар деҳаи Коху ва қарияи калони Шаҳидон дар даромадгоҳи мамнӯъгоҳ маълум карда шуданд, ки онҳо ба давраи асрҳои X-XII рост меоянд. Печҳои оҳанобкунӣ ва асбобҳои аз оҳан тайёр кардашуда, ки дар ин ҷо ёфт шудаанд, аз он шаҳодат медиҳанд, ки аҳолии гирду атрофи Қалъа ғайр аз тайёр намудани асбобу анҷомҳои муҳофизатӣ, боз ба тайёр намудани асбобҳои рӯзгор ва истеҳсолӣ низ машғул мешудаанд. Маълумоти дигар оид ба ёдгориҳои таърихӣ дар ин минтақаи ҷуғрофӣ муайян карда шудаанд, ки дар дараи Сорво ҷойгир шудаанд, вале онҳо то имрӯз омӯхта нашудаанд.

**Набототи мамнӯъгоҳ:** Олами набототи мамнӯъгоҳ хеле бою рангин буда, то имрӯз пурра омӯхта нашудааст. Гуногунии олами набототи мамнӯъгоҳи «Ромит» тибқи маълумотҳо 1503 намудро дар бар мегирад, ки аз он 292 намуд обсабзҳо, 193 намуд замбӯруғҳо, 41 намуд ушнашаклҳо, 127 намуд занбуруғмонандҳо ва 845 намудро растаниҳои гуногун ташкил менамоянд.

Дарахтони зарранг ва арча асоситарин намудҳои ҷангалзори мамнӯъгоҳ ба шумор меравад. Ғайр аз ин дар ҳудуди мамнӯъгоҳ дарахтони чормағз, бодоми талхдона, тӯс, туғи қафқозӣ, бед, сафедор, себ, олуча, тут, зирк, хуч, иркай ва дигар намудҳо паҳн гардидаанд.

Аз намудҳое, ки ба Китоби Сурхи Тоҷикистон ворид карда шудаанд, хурмои қафқозӣ, ангури Ҳисорӣ, чинор, ҷавқосун, холмон ва ғайраҳо мебошанд.

**Олами ҳайвонот:** Олами ҳайвоноти қаторкӯҳи Ҳисор, ки мамнӯъгоҳи давлатии табиӣ «Ромит» дар ҳамин минтақа ҷойгир шудааст, ба қисмати ҷуғрофии зоологии Бухорои шарқӣ мансуб буда, дар он қисме аз намудҳои олами ҳайвоноти ҳудудҳои Тиёншони ғарбӣ низ ворид гаштаанд.

Вобаста ба шароитҳои зисти олами ҳайвонот, ҳудуди мамнӯъгоҳи Ромит ба се минтақа тақсим мешавад (даштҳои кӯҳӣ, ҷангалзорҳо ва баландкӯҳҳо), ки аз ҳамдигар бо хусусиятҳои ба худ хос фарқ мекунанд. Дар мамнӯъгоҳ се намуди моҳӣ мавҷуд аст, ширмоҳӣ, гулмоҳӣ ва лаққамоҳӣ.

**Обсабзҳо ва хазандагон:** Дар ҳудуди мамнӯъгоҳ як намуди обсабзҳо, 17 намуди хазандагон, аз ҷумла морҳои гурза, сипарисарон, мори хонагӣ, мори фишор ва ғайраҳо мавҷуданд. Аз ҳама камёфттарин морҳо ин мори кубро, курмор ва мори афъӣ ба шумор меравад, ки саршумораашон дар мамнӯъгоҳҳо сол то сол кам шуда истодааст.

**Паррандагон:** Дар мамнӯъгоҳ 134 намуд парранда мавҷуд аст, ки аз ин 80 намуди онҳо паррандагони муқимӣ буда, боқимонда дар фаслҳои муайян муваққатан ба ин минтақа меоянд. Дар мамнӯъгоҳ паррандагони асосӣ ба монанди кабк, бедона, бургут, мурғи ҳумо, говкафтар, санговдавак, товусаки биҳиштӣ ва ғайраҳо зиндагӣ мекунанд.

Аз олами паррандагон 18 намуд ба Китоби Сурхи Тоҷикистон ва як намуд - эзорсурхак ба Китоби Сурх дохил карда шудааст.

**Ширхӯрон:** Олами ҳайвоноти ширхӯр дар мамнӯъгоҳ ба 32 намуд баробар мебошад. Намояндагони аҷоиби ҳайвоноти ширхӯр аз оилаи хояндагон ба монанди савсор, мири Мушон, сагоби осиёи миёнагӣ, аз оилаи даррандаҳо силовсин, бабри барфӣ, хирси малла, гург, рӯбоҳ, аз оилаи ҷуфтсумҳо маскун гирифтаанд.

Дар Китоби Сурхи Тоҷикистон 18 намуди ҳайвоноти ширхӯр ба монанди хирси маллаи тиёншонӣ, ҷайра, бабри барфӣ ва ғайраҳо дохил карда шудаанд.

Захираи об дар дарёҳҳои Сардаи Миёна ва Сорво имконият медиҳад, ки дар онҳо шуғли варзиши обӣ ва моҳидорӣ бо меъёрҳои муайян ташкил карда шаванд. Роҳ аз шаҳри Душанбе ба сӯи мамнӯъгоҳи «Ромит» тамоми фасли сол кушода аст, ба сайёҳон имконият медиҳад, ки тамоми фаслҳо аз мамнӯъгоҳ дидан намоянд.

## БОБИ 4. Инфрасохтор

**1.Таъминот бо барқ, газ.**

Шабакаҳои барқи шаҳри Ваҳдат дар тобеияти идоравии ШСХК «Барқи Тоҷик» қарор дошта, соли 1949 таъсис ёфтааст. Ҳоло дар мувозинаи корхона 450 зеристгоҳи барқии дорои шиддаташ 10 кВт мавҷуд буда, дарозии умумии хатҳои барқии ноҳия 10 кВт 470 км ва дарозии умумии хатҳои барқии 0,4 кВт 1150 км-ро ташкил медиҳад.

Ҳамаи трансформаторҳои мавҷуда ва хатҳои интиқоли барқии 10 - 04 кВт дар солҳои 1961 то инҷониб сохта ба истифода дода шудаанд, ки имрӯз бо зиёд гардидани афзоиши аҳолӣ дар шароити ҳозира ба талабот ҷавобгӯ нестанд ва зарурат ба азнавсозӣ доранд.

Дар мавсими сармою зимистон, бинобар сабаби ба аҳолӣ дастрас нагардидани захираи ангишту ҳезум, талабот ба нерӯи барқ зиёд мегардад, ки дар натиҷа ин омил сабаби аз кор баромадани хатҳои интиқоли барқ ва зеристгоҳҳо мегардад.

Дар шохобҳои дарёи Кофарниҳон имконияти сохта ба истифода додани нерӯгоҳҳои хурду миёна мавҷуд буда, барои анҷом додани корҳои сохтмонӣ масолеҳи сохтмонӣ ва ширкатҳои сохтмонии дорои таҷрибаи коридошта мавҷуд мебошад.

Яке аз мушкилоте, ки дар ин самт ба назар мерасад ин кӯҳнаю фарсуда гардидани хатҳои барқии ҳавоӣ ва симчӯбҳои хатҳои интиқоли барқии 0,4 – 6 - 10 кВт ба шумор меравад, ки сохтмони он ба солҳои 60-уми асри гузашта рост меояд ва қариб аз 40 то 60 фоизи он таъмирталаб буда, ин мушкилоти иловагиро дар фасли зимистон пеш меоварад.

Ин мушкилот қариб дар 80 фоизи ҷамоатҳои деҳот, хусусан дар деҳаҳои Ҷангалобод 4, Ҷамоати деҳоти «Гулистон», Ҷарбоши Ҷамоати деҳоти ба номи Р. Исмоилов, Зардолуи Ҷамоати деҳоти «Чорсӯ», Кофарниҳони Ҷамоати деҳоти ба номи А. Абдулвосиев, Ҳоҷиқатағани Ҷамоати деҳоти «Баҳор», Канаски Ҷамоати деҳоти «Ромит» ва кӯчаҳои Салимзода, Туғрал, Меҳнати ва А. Зикирови маркази шаҳр мушоҳида намудан мумкин аст.

Афзоиши аҳолӣ, ки сабаби пайдоиши маҳаллаҳои нав гардидааст, барои насби симчуб ва хатҳои нави барқӣ, инчунин шинонидани трансформаторҳо заруратро ба миён меорад.

*Ҷадвали №1. Иқтидори мавҷуда барои сохтмони НОБ- ҳои хурду миёна дар шохобҳои дарёи Кофарниҳон* (ҳазор сомонӣ)

| № | Сохтмони НБО-и хурд ва миёна | Иқтидори муқаррар-гардида бо кВт | Истеҳсоли солона бо ҳисоби ҳаз. кВт.с. | Арзиши умумии Лоиҳа |
|---|---|---|---|---|
| 1 | «10-солагии Истиқлол» дар деҳаи Тиллои Сафед | 545 | 3270 | 5450 |
| 2 | «Ситораи Сурх-1» дар деҳаи Ситораи Сурх | 150 | 1296 | 1500 |
| 3 | «Чуянгарон-1» дар деҳаи Чӯянгарон | 1000 | 6000 | 10000 |
| 4 | «Андигон» дар деҳаи Андигон | 200 | 1200 | 2000 |
| 5 | «Нозиробод» дар деҳаи Нозиробод | 150 | 900 | 1500 |
| 6 | «Личак» дар Деҳаи Личак | 80 | 480 | 800 |
| 7 | «Чуянгарон-2» дар деҳаи Чуянгарон | 1360 | 8160 | 13600 |
| 8 | «Арбоби-2» дар деҳаи Арбоби | 60 | 360 | 600 |
| 9 | «Бомкура» дар деҳаи Бонкура | 75 | 450 | 750 |
| 10 | «Ҷангалобод-1 | 100 | 1000 | 1000 |
| 11 | Васл намудани таҷҳизоти баркдиҳандаи бодӣ | 20 | 43 200 | 250 |
| 12 | Васл намудани таҷҳизоти баркдиҳандаи офтобӣ | 10 | 72 | 20 |
| 13 | Сохтмони маркази барқию гармидиҳӣ | 70 | 624 | 1400 |

**Газтаъминкунӣ:** Ҷамъияти саҳомии навъи кушодаи «Ваҳдатгаз» соли 1968 таъсис дода шуда, ба 17766 нафар аҳолии шаҳр ва 16 корхонаю ташкилотҳо хизмат мерасонад. Хатҳои газгузар 99 километрррро ташкил дода, бо сабаби ворид нагардидани гази табиӣ аҳолии шаҳр солҳои охир бо газ таъмин карда намешаванд.

2. **Обтаъминкунӣ ва обу корез**

*Ҳолати мавҷуда.* Дар натиҷаи дигаргун шудани шакли хоҷагидорӣ ва муносибатҳои истеҳсолӣ ҳамкориҳои байни корхонаҳо қатъ гардиданд, ки ин ба пешравии соҳаи таъмини оби нӯшокӣ таъсири манфӣ расонид.

Яке аз омилҳои асосии пастравии соҳа мавҷуд набудани шароит, ба итмом расидани мӯҳлати истифодабарӣ ва корношоям гардидани воситаҳои асосии истеҳсолӣ мебошад.

Муассисаи обтаъминкунӣ, гармидиҳӣ ва канализатсияи шаҳри Ваҳдат аз соли 1959 то инҷониб фаъолият менамояд. Муассиса дорои 3 обанбори кушодаи ғунҷоишашон 78,4 ҳазор м³ мебошад. Иқтидори дастгоҳҳои пойгоҳ дар як шабонарӯз 51,0 ҳазор м³-ро ташкил дода, дар тавозуни корхона 58 км қубурҳо мавҷуд мебошад, ки 29 км (56,8 фоиз) коршоям мебошад. Дастрасии аҳолӣ ба оби тозаи нӯшокӣ яке аз афзалиятҳои асосӣ дар панҷ соли оянда аст. Маълумотҳои расмӣ нишон медиҳанд, ки аҳолии шаҳру деҳот ба воситаи облӯлаи марказӣ 27,6 фоиз, оби овардашуда 2 фоиз, облӯлаи берун аз хона 16,2 фоиз, чоҳ 6,4 фоиз, қудуқ 2,2 фоиз, дарё, кӯл, ҷӯйбор, наҳр ва ариқҳо 22,1 фоиз, ҷумакҳои кӯчагӣ 14,8 фоиз, чашмаҳо 7,6 фоиз ва дигар сарчашмаҳо 1,1 фоиз бо оби ошомидани таъмин шуданд. Шумораи умумии муштариёни корхона 30000 нафарро ташкил менамояд.

*Ҷадвали №1. Дастрасии аҳолӣ ба оби нӯшокӣ*

| Номгӯи ҷамоатҳо ва шаҳрак | Ҳамагӣ | Системаи хатти оби нӯшокии пайваст (нафар) | Аз системаи хатти оби нӯшокии берун (нафар) | % таъминоти аҳолӣ бо оби нӯшокӣ |
|---|---|---|---|---|
| Маркази шаҳр | 44586 | 36561 | 8025 | 79,7 |
| Шаҳраки Н. Розиқ | 10823 | 10823 | | 100,0 |
| Ҷамъи шаҳр: | 55409 | 47384 | 8025 | 85,5 |
| Ҷамоатҳои деҳот | | | | |
| Гулистон | 36978 | 13195 | 23783 | 35,6 |
| Симиганҷ | 31875 | 9562 | 22313 | 30,0 |
| А. Абдулвосиев | 42111 | 16844 | 25267 | 40,0 |
| Б. Бурунов | 24222 | 14533 | 9689 | 60,0 |
| Баҳор | 26813 | 15000 | 11813 | 56,0 |
| К. Исмоилов | 31448 | 7591 | 23857 | 24,1 |
| Ромит | 13964 | 480 | 13484 | 3,4 |
| Чуянгарон | 18160 | 7264 | 10896 | 40,0 |
| Р. Исмоилов | 18288 | 16459 | 1829 | 90,0 |
| Чорсӯ | 3596 | 3242 | 354 | 90,0 |
| Ҷамъ | 247455 | 104170 | 143285 | 42,1 |
| Ҷамъи умумӣ | 302864 | 151554 | 151310 | 50,0 |

Таҳлилҳои соҳа нишон медиҳанд, ки 85,5 фоизи аҳолии шаҳр ва 42 фоизи аҳолии деҳот бо оби ошомиданӣ таъмин буда, 14 фоиз дар шаҳр ва 58 фоиз дар деҳот бо оби ошомиданӣ таъмин нестанд.

Хусусан, иншооти обтаъминкунии деҳаи Заргари Ҷамоати деҳоти ба номи А. Абдулвосиев барои 13581 нафар, иншооти обтаъминкунии деҳаи Личаки Ҷамоати деҳоти «Чӯянгарон», иншооти обтаъминкунии деҳаи Дашти шӯри Ҷамоати деҳоти ба номи К. Исмоилов, иншооти обтаъминкунии деҳаи Ҳуснободи Ҷамоати деҳоти «Гулистон», иншооти обтаъминкунии беморхонаи касалиҳои сироятии «Бустон», иншооти обтозакунии шаҳрӣ дар деҳаи Меҳробод-и Ҷамоати деҳоти ба номи Р. Исмоилов, иншооти обтозакунии истироҳатгоҳи «Калтуч», иншооти обтозакунии шаҳраки Наврӯз барои таъмиру барқароркунӣ ниёз доранд.

**Хизматрасонии хоҷагии манзилию коммуналӣ**

Раёсати хоҷагии манзилию коммуналӣ ва сохтмонии шаҳри Ваҳдат соли 1937 таъсис дода шудааст, ки ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат мансуб мебошад.

Муассиса ба 30791 муштарӣ ҷиҳати ҷамъоварӣ ва баровардани партовҳои сахти маишӣ хизмат мерасонад, ки аз он 13247 нафар дар хонаҳои бисёрошёна ва 17544 нафар дар хонаҳои шахсӣ зиндагӣ мекунанд.

**3. Нақлиёт ва роҳҳо**

Роҳи мошингард барои шаҳри Ваҳдат воситаи асосии нақлиёт буда, тавассути он рушди робитаи дохилӣ амалӣ мегардад. Тавассути роҳҳо маҳсулоти кишоварзӣ аз нуқтаҳои истеҳсолӣ ва коркард ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ бароварда мешавад. Таъмини роҳ яке аз омилҳое мебошад, ки ба ҳалли эҳтиёҷоти иҷтимоию фарҳангии аҳолӣ таъсир мерасонад.

Дар миқёси шаҳр роҳҳои мошингард 352,2 км-ро ташкил медиҳад, ки аз ин 111,5 км роҳҳои ҷумҳуриявӣ ва 240,7 км роҳҳои маҳаллӣ мебошад.

Аз 352,2 км роҳҳои мошингард 111,5 км дорои болопӯши сахт, 240,7 км дорои болопӯши мукаммал мебошад.

Мувофиқи маълумоти оморӣ дар шаҳри Ваҳдат то 1 январи соли 2014 14436 нақлиёти автомобилӣ ба қайд гирифта шуда, аз он 14074 адад (ё 97 фоиз) автомобили сабукрав, 362 адад (ё 2,6 фоиз) нақлиёти ҷамъиятиро ташкил медиҳад.

Дар шаҳру деҳот бинобар сабаби ба вуҷуд омадани маҳалла ва деҳаҳои нав зарурати сохтмони роҳҳои нав ба вуҷуд омадааст, ки аз ҳисоби буҷети маҳаллии шаҳр сохтмони он ғайриимкон аст, чунки 90 фоизи маблағҳои он ба пардохти музди меҳнати муассисаҳои буҷетӣ равона мегардад.

Инчунин, маркази шаҳри Ваҳдат, ки дар чорраҳа ҷойгир аст аз Ҷумҳурии Хитой ва Қирғизистон мошинҳои калонҳаҷм, бо ғунҷоиши аз 20 то 40 тонна ба воситаи роҳҳои маҳаллии шаҳр рафтуомад доранд, ва дар натиҷа ба вайроншавии роҳҳои маҳаллӣ оварда мерасонад. Бинобар ин, мушкилоти асосии соҳа ин таъмирталаб гаштани роҳҳои мавҷуда мебошад.

***Мушкилоти мавҷудаи соҳа***

1. Таъмирталаб гардидани роҳҳо:

- таъмирталаб гаштани роҳҳо бинобар сабаби истифодаи тӯлонӣ (15 км кӯчаҳои шаҳр, аз ҷумла, кӯчаи Фирдавсӣ 1,5 км, Туғрал 1 км, Хуросон 2 км, Бохтар 4 км, Роҳатӣ 2 км, кӯчаҳои маҳаллаи Чутқайша 2 км, кӯчаҳои гирду атрофи Комбинати орд 2,5 км)

2. Роҳҳои дорои аҳамияти маҳалидошта, ки фарсуда шудаанд:

- аз кӯчаи А. Зикиров то сарҳади ноҳияи Рудакӣ 15 км, аз кӯчаи Рӯдакӣ то сарҳади ноҳияи Рудакӣ 16 км, аз деҳаи Андигон то деҳаи Даштибеди хурд.

3. Роҳҳои дохили деҳаҳо дар мӯҳлати 23 сол, ки фарсуда шудаанд ва дарозии онҳо 98 км –ро ташкил медиҳанд ба таъмир ниёз доранд.

- дохили деҳаҳо 98 км.

4. Норасогии пулҳои мошингузар (7 адад)

5. Корношоям ва фарсуда гардидани техникаву таҷҳизоти роҳсозӣ.

**4. Алоқа ва фазои иттилоотӣ**

Хизматрасонии алоқаи хатии телефонӣ ва интернетро дар шаҳри Ваҳдат ҶСК «Телеком»-и шаҳри Ваҳдат ба ӯҳда дорад. Дар соли 2014 дар шаҳри Ваҳдат ғунҷоиши истгоҳҳои васлкардашудаи телефонӣ 6000 рақам ва миқдори дастгоҳҳои асосии телефонӣ беш аз 3,8 ҳазор ададро ташкил медиҳад.

Фарогирии аҳолӣ бо барномаҳои телевизиони шабакаи якум 100 фоиз, Сафина 95 фоиз, Ҷаҳоннамо 85 фоиз, Баҳористон 85 фоиз мебошад.

## БОБИ 5. ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ ВА ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА

Ҳифзи муҳити зист ва омодагӣ ба ҳолатҳои фавқулодда яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб рафта, пешгирӣ кардани ҳодисаҳои табиат, истифодаи оқилона ва баркарорсозии захираҳои он ва солимгардонии муҳити зист қарзи ҳар як фарди ҷомеа мебошад.

Норасогии оби нӯшокӣ, ифлосшавии ҳаво, вайроншавии хок, нобудшавии растаниҳои нодир, гармшавии сайёра ва тағйирёбии иқлим имрӯз водор месозад, ки барои пешгирии он чораҳои зарури андешида шаванд.

Вазъи экологии заминҳои киштшаванда дар ҳолати начандон хуб қарор дошта, қариб дар 75 фоизи он солҳои тӯлонӣ ҳамворкунӣ гузаронида нашудааст. Яке аз омилҳои бад шудани вазъи мелиоративии заминҳои обӣ ин ба ҳисоб нагирифтани ҳолати дуруст истифода бурдани тухмиҳои босифат, нуриҳои минералӣ (намак ва гербисидҳо) мебошад.

Таҷдид гардидани хоҷагиҳои кишоварзӣ ва ба хоҷагиҳои деҳқонӣ табдил додани он ба онҳо оварда расонидааст, ки надонистани қоидаҳои агаротехникӣ, аз меъёр зиёд об мондани заминҳо, риоя накардани дарозии ҷӯякҳо ба шусташавии қабати ҳосилхези хок, ботлоқшавии қисми поёнии заминҳо, паҳншавии алафҳои бегона, баланд шудани обҳои зеризаминӣ ва ба таври зарурӣ тоза накардани заҳбуру заҳкашҳо оварда мерасонад.

Дар маркази шаҳру деҳот сол аз сол сохтмони биноҳои баландошёна ба назар мерасад. Танҳо соли 2015 16 биноҳои баландошёнаи истиқоматӣ ба нақша гирифта шуда, сохтмони онҳо идома дорад. Дар ин самт зарурати риояи талаботи экологӣ ба миён меояд.

Айни замон, дар шаҳри Ваҳдат 4 иншооти коррезӣ ҷиҳати қабул ва безарар гардонидани обҳои партови ташноб фаъолият мекунанд. Иншооти мазкур соли 1967 сохта шуда, дар натиҷаи сари вақт таъмир нагардидан ба фарсудашавии қубурҳои зеризаминӣ оварда мерасонад. Аз ин хотир лозим меояд, ки ҳавзҳои обтакшонкунии иловагӣ ва қубурҳои зеризаминӣ бо қубурҳои калонҳаҷми обпарто иваз карда шаванд. Қобилияти қубурҳои обгузар дар як шабонарӯз 5,8 ҳазор $м^3$ ташкил медиҳад, ки бинобар зиёдшавии аҳолӣ ва рушди шаҳр басанда нест. Қисми зиёди деҳаҳо дар ҷамоатҳои деҳот ҷой барои нигоҳдории партовҳоро надошта, корхонаҳои истеҳсолии маркази шаҳр, ки зиёда аз 60 ададро ташкил медиҳанд, партовҳои атмосфераро бинобар надоштани чангкашакҳои филтрдор ба ҳавои атмосферӣ мепартоянд.

Сокинони шаҳру деҳот оид ба вазъи экологӣ маълумоти кофӣ надошта, дар ин самт баргузор намудани чорабиниҳо оид ба пешниҳод намудани маълумот ҷиҳати вазъи экологӣ ба мақсад мувофиқ мебошад.

Яке аз масъалаҳои муҳими дигари экологии шаҳр ин сари вақт ҷамъоварӣ нагаштани партовҳо мебошад. Дар шаҳр 1 мавзеи партовҷамъкунӣ ташкил карда шудааст, ки ба меъёрҳои санитарию экологӣ мутобиқ нест.

Мавҷуд набудани чунин хадамот дар ҷамоатҳо боиси пайдоиши партовгоҳҳои ғайрирасмӣ ва ифлос шудани муҳити зист, хатари сар задани маризиҳои сироятӣ ва зиёд гаштани сагони дайду мешавад. Дар натиҷаи таҳлил муайян карда шуд, ки дар шаҳр шумораи ҳайвоноти хонагии бесоҳиб, аз ҷумла сагҳо хело зиёд гаштааст. Солҳои охир ҳодисаҳои газидани сагони дайду (10-20 ҳолат дар як сол) афзудааст. Бо дарназардошти арзиши табобат, ки хароҷоти иловагиро талаб мекунад боиси паст рафтани сатҳи зиндагонии аҳолӣ мешавад.

Манбаъҳои асосии ифлосшавии ҳавои атмосферӣ аз рӯи ҳаҷми партовҳои моддаҳои зарарнок аз нақлиёти автомобилӣ, истифодаи сӯзишворӣ аз тарафи аҳолӣ, иншооти саноатӣ ва гузаштани моддаҳои зарарнок аз дигар тарафҳо ба ҳисоб мераванд.

**Чорабиниҳо оид ба ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодда**

Ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти шаҳри Ваҳдат, ки дар минтақаи мувоҷеҳи офатҳои табиӣ ва ҳолатҳои фавқулодаи техногенӣ ҷойгиранд, офатҳои табиӣ, аз қабили сел, лағжиш, заминларза, тармафаро̄й, боридани жола, шамоли сахт, эпидемияҳо ва хушксолӣ ба қайд гирифта мешавад. Ҳолатҳои фавқулоддаи техногенӣ таркиши маводҳои сузишворӣ, сӯхтор ва садамаҳои нақлиётӣ мебошад.

Таҳлилҳои се соли охир нишон медиҳанд, ки дар шаҳри Ваҳдат ҳолатҳои офатҳои табиӣ назар ба офатҳои техногенӣ кам ба қайд гирифта шудааст.

Миқдори зарар ва ҳалокшудагон дар тӯли солҳои 2012 - 2014

| Номгӯи ҳолатҳои фавқулодда | Соли 2012 | | | Соли 2013 | | | Соли 2014 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Миқдори ҲФ | Маблағи зарар (ҳаз. сом.) | Ҳалокшудагон | Миқдори ҲФ | Маблағи зарар (ҳаз. сом.) | Ҳалокшудагон | Миқдори ҲФ | Маблағи зарар (ҳаз. сом.) | Ҳалокшудагон |
| Ҳолатҳои фавқулодда | 98 | 165730 | 24 | 111 | 152773 | 33 | 125 | 230060 | 29 |
| Аз он ҷумла; | | | | | | | | | |
| Офати табиӣ | 3 | | 5 | 1 | 72093 | | | | |
| Садамаҳои нақлиётӣ | 63 | 84 захмӣ | 16 | 69 | 83 захмӣ | 28 | 75 | 113 захмӣ | 25 |
| Сохторҳо | 28 | 165730 | | 36 | 80680 | | 46 | 230060 | |
| Ғарқшуда | 3 | | 3 | 5 | | 5 | 4 | | 4 |

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳолатҳои фавқулодда дар соли 2014 нисбат ба соли 2012 27,5 фоиз зиёд ба қайд гирифта шудааст.

Барои пешгирӣ намудани ҳолатҳои фавқулодда дар мавзеъҳои хавфнок шинонидани дарахтон, гузаронидани корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ, иҷозат надодани сохтмон дар мавзеъҳои хавфнок, гузаронидани корҳои тадқиқотӣ - геологӣ, гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ, омӯзиши аҳолӣ оид ба мудофиаи граждани, банақшагирӣ ва кӯчонидани аҳолӣ аз мавзеъҳои хавфнок ба мавзеҳои бехавф лозим аст.

Аҳолии маҳаллӣ бояд ба корҳои кам намудани хатари офатҳои табиӣ фаъолона ҷалб гардад. Таҳлили муфассали қишрҳои аҳолӣ иборат аз арзёбии дараҷаи камбизоатии онҳо, муайян намудани омилҳое, ки ба гурӯҳи осебпазири аҳолӣ таъсир мерасонанд ва чораҳо оид ба беҳтар намудани ҳолат бо мақсади таҳияи нақшаҳои ягонаи чорабиниҳо дар сурати сар задани ҳолатҳои фавқулодда бояд гузаронида шаванд.

*Ҷадвали №1. Оид ба минтақаҳои хавфноки ҳудуди шаҳри Ваҳдат*

| Ҳудудҳо | Мавзеъҳо | Намуди ҷараёни таҳдидкунанда |
|---|---|---|
| Маркази шаҳр | маҳаллаи Чутқайша | Сел |
| Ҷамоати шаҳраки ба номи Н. Розиқ | маҳаллаи Саричашма | Сел |
| | маҳаллаи Н. Розиқ | Лағжиш |
| Ҷамоати деҳоти ба номи А. Абдулвосиев | деҳаи Зулфӣ | Сел |
| | деҳаи Шабғарди | Сел |
| | деҳаи Обидараи даҳана | Сел |
| | деҳаи Обидараи чунгак | Сел |
| | деҳаи Кофарниҳон | Сел |
| | деҳаи Даштибеди калон | Сел |
| | деҳаи Суфиён | Сел |
| | деҳаи Меҳргон | Лағжиш |
| | деҳаи Майдон | Лағжиш |
| | деҳаи Кул | Сел |
| | деҳаи Оби Нуқра | Сел |
| | деҳаи Эловар | Сел |
| Ҷамоати деҳоти «Баҳор» | деҳаи Лолазор | Лағжиш |
| | деҳаи Тундара | Лағжиш |
| | деҳаи Пистамазор | Сел |
| | деҳаи Чашмасор | Сел |
| | деҳаи Гулбоғ | Сел |
| | деҳаи Ҳоҷиқатаган | Сел |
| | деҳаи Камонгарон | Сел |
| Ҷамоати деҳоти ба номи Б. Бурунов | деҳаи Холмуроди | Лағжиш |
| | деҳаи Ҷавонӣ | Лағжиш |
| | деҳаи Саричашма | Лағжиш |
| | деҳаи Меҳробод | Лағжиш |
| Ҷамоати деҳоти «Гулистон» | деҳаи Оқчари Узбек | Сел |
| | деҳаи Оқчари Лақай | Сел |
| | деҳаи Балдургон | Сел |
| | деҳаи Анчир | Лағжиш |
| | деҳаи Ҷангалобод - 1 | Сел |
| | деҳаи Ҷангалобод -2 | Сел |
| | деҳаи Ҷангалобод -3 | Сел |

| | | |
|---|---|---|
| | деҳаи Хиргатарош | Лағжиш |
| | деҳаи Ҳайдаробод | Сел |
| Ҷамоати деҳоти «Чуянгарон» | деҳаи Амоншайхӣ | Сел |
| | деҳаи Личак | Сел |
| | деҳаи Чуянгарон | Сел |
| | деҳаи Шоразм | Лағжиш |
| | деҳаи Себзор | Лағжиш |
| Ҷамоати деҳоти «Ромит» | деҳаи Лошхарф | Лағжиш |
| | деҳаи Вистан | Сел |
| | деҳаи Яфрак | Сел |
| | деҳаи Ромит | Сел |
| | деҳаи Сайёд | Сел |
| | деҳаи Сорво | Сел |
| | деҳаи Деҳпир | Сел |
| Ҷамоати деҳоти «Чорсу» | деҳаи Ғеши | Лағжиш |
| | деҳаи Гӯлакандоз | Лағжиш |
| | деҳаи Чораҳа | Лағжиш |
| | деҳаи Пустхур | Лағжиш |
| | деҳаи Чеписолеҳ | Лағжиш |
| | деҳаи Яланчинор | Лағжиш |
| Ҷамоати деҳоти ба номи К. Исмоилов | деҳаи Бостон | Сел |
| | деҳаи Навободи поён | Сел |
| | деҳаи Муминобод | Сел |
| | деҳаи Ваҳдатобод | Сел |
| | деҳаи Гургхурда | Сел |
| | деҳаи Шури поён | Сел |
| | деҳаи Дашти шур | Сел |
| Ҷамоати деҳоти «Симиганч» | деҳаи Саричинор | Сел |
| | деҳаи Каҳлон | Сел |
| | деҳаи Тангай | Сел |
| | деҳаи Кушво | Сел |
| | деҳаи Юмс | Сел |
| | деҳаи Қипчоқ | Лағжиш |
| | деҳаи Нозиробод | Сел |
| | деҳаи Бакарон | Сел |
| | деҳаи Қашангӣ | Сел |
| | деҳаи Шабгарди | Сел |
| | деҳаи Кафтархона | Сел |
| | деҳаи Симиганч | Лағжиш |
| | деҳаи Диямон | Лағжиш |
| | деҳаи Ҳайтали | Лағжиш |
| Ҷамъи умумӣ | 75 деҳа, 3237 хочаги, 17191 нафар | |

Тӯли се соли охир ҳодисаҳои рухдодаи офатҳои табиӣ ба хочагии халқи шаҳру деҳот ба маблағи 76,8 миллион сомонӣ зарар расонид, ки ин баробари 64,8 фоизи буҷети шаҳр дар соли 2013 мебошад. Хисороти аз ҳама калон ба соли 2013 рост меояд, ки 72,1 миллион сомониро ташкил медиҳад. Хисорот бештар дар ҳолати рух додани заминларза ба истиқоматгоҳҳои аҳолӣ ва ба соҳаи кишоварзӣ расидааст.

*Ҷадвали №2. Зарари ҳолатҳои фавқулодда ба инфрасохтори шаҳру деҳот*

| Иншооти зарардида | Маблағи зарар (ҳазор сомонӣ) | | | |
|---|---|---|---|---|
| | 2012 | 2013 | 2014 | Ҷамъ дар се сол |
| Хонаҳои истиқоматӣ | 218 | 58000 | 100 | 58318 |
| Мактабҳо, муассисаҳои томактабӣ | - | 9914 | 50 | 9964 |
| Муолиҷахона ва беморхонаҳо | - | 100 | - | 100 |
| Иншооти фарҳангию маишӣ | - | 100 | - | 100 |
| Роҳҳо | 88 | 249 | - | 337 |
| Пулҳо | 300 | 0 | - | 300 |
| Хатҳои интиқоли барқ | 0 | 10 | - | 10 |
| Хатҳои алоқа | 0 | 0 | - | 0 |
| Истгоҳҳои обкашӣ ва иншооти обтаъминкунӣ | 203 | 203 | - | 406 |
| Хатҳои обгузар ва ташноб | - | - | - | - |
| Кишоварзӣ | 3642 | 3397 | - | 7039 |
| Иншооти дигар | 120,0 | 120,0 | - | 240,0 |
| **Дар маҷмӯъ** | 4571 | 72093 | 150 | 76814 |

Дар давраи нишондодашуда хисорот бештар ба хонаҳои истиқоматии аҳолӣ расидааст. Хисороти ба аҳолӣ расида, 70 фоизи қисми хароҷоти буҷети шаҳрро дар соли 2013 ташкил мекунад.

## БОБИ 6. ТАЪМИНОТИ ЗАХИРАВӢ

Маблағгузории Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Ваҳдат барои солҳои 2016-2020 дар доираи мабалағҳои пешбинигардидаи Буҷети давлатӣ ва аз ҳисоби сармояҳои дохилӣ (соҳибкорони ватанӣ) ва манбаъҳои ғайрибуҷетӣ таъмин карда мешавад. Ба манбаъҳои ғайрибуҷетӣ, ки барои маблағгузории Барномаи мазкур ҷалб карда мешавад, инҳо дохил мешаванд:

- *Ҳаққи аъзогии иштирокчиён дар иҷрои Барнома;*
- *Пардохти мақсаднок аз фоидаи корхонаҳои манфиатдор дар иҷрои Барнома;*
- *Қарзҳои бонкӣ;*
- *Маблағи фондҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ;*
- *Сармояи инвесторҳои хориҷӣ, ки дар иҷрои Барнома манфиатдоранд ва ё чорабиниҳои алоҳидаи онҳо;*
- *Сармояи муҳоҷирони меҳнатии берунмарзие, ки дар таъмини Барнома манфиатдоранд.*

Буҷети маҳаллӣ гарчанде аз кӯмакҳои молиявии ҷумҳурӣ баромада бошад ҳам, хусусияти иҷтимоӣ дошта, қариб 90 фоизи он барои музди меҳнати муассисаҳои буҷетӣ равона мегардад.

Сарчашмаҳои асосии ташаккули буҷет - ин андози даромад аз шахсони воқеӣ, андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ, андоз аз молу мулки ғайриманқул, андоз аз арзиши иловашуда, андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард, низоми махсуси андозбандӣ, андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт, андоз аз истифодабарандагони захираҳои табиӣ, боҷи давлатӣ ва дигар пардохтҳои ҳатмии маҳаллӣ маҳсуб меёбад. Аз ин бармеояд, ки дар шаҳр ҷойҳои нави корӣ таъсис гардида, ҳаҷми пешниҳоди хизматрасониҳо зиёд ва инчунин ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ афзоиш меёбад.

*Ҷадвали №1.Таҳлили қисми даромади буҷети шаҳр аз рӯи солҳо*

| Намуди андоз | соли 2011 | соли 2012 | соли 2013 | соли 2014 |
|---|---|---|---|---|
| Андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ | 1117 | 3465 | 6876 | 8293 |
| Андози ҳадди ақал аз даромади корхонаҳо | 2109 | 2226 | - | - |
| Андоз аз молу мулки ғайриманқул | 2238 | 2312 | 4665 | - |
| Андози замин аз шахсони ҳуқуқӣ | 169 | 170 | - | 5370 |
| Андози замин аз шахсони воқеӣ | 349 | 372 | - | - |
| Андози ягона | 1679 | 1690 | - | - |
| Андоз аз фурӯши чакана | 3858 | 4718 | - | - |
| Андоз аз арзиши иловашуда | 27097 | 24485 | 28690 | 18387 |
| Андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард | 4975 | 5189 | 6152 | 4731 |
| Андоз бо услуби соддакардашуда | 3337 | 2417 | 6394 | 10428 |
| Аксизҳои дохилӣ | 59 | 60 | 69 | 61 |
| Андоз аз соҳибони воситаи нақлиёт | 2521 | 2885 | 4192 | 3713 |
| Андоз аз истифодабарандагони қаъри замин | 448 | 479 | 7612 | 48902 |
| Боҷи давлатӣ | 1619 | 1583 | 2391 | 2537 |
| Дигар даромадҳои ғайрандозӣ | 1042 | 899 | 1111 | 1257 |
| Андози даромад аз шахони воқеӣ | 8535 | 11133 | 17629 | 21547 |

Дар сохтори қисмати даромадии буҷети шаҳр андози даромад аз шахсони воқеӣ, андоз аз арзиши иловашуда, андоз аз истифодабарандагони қаъри замин ва системаи соддакардашуда дорои аҳамияти бештаранд.

Буҷети шаҳр хусусияти иҷтимоӣ дошта, дар қисми хароҷот ҳиссаи зиёдро хароҷоти соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ ташкил медиҳад. Ҳаҷми маблағгузории буҷети ин соҳаҳо дар асоси ҳисобу китоби харҷномавӣ (сметавӣ) муайян мегардад. Дар соли 2014 ҳиссаи соҳаҳои иҷтимоӣ (маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва ҳифзи иҷтимоӣ) дар буҷети маҳаллӣ 81 фоизро ташкил медиҳад, ки аз ин хароҷот барои соҳаҳои маориф ва тандурустӣ мутаносибан 66 ва 22,9 фоизро ташкил медиҳад.

Сабаби асосии афзудани хароҷоти соҳаи маориф дар солҳои охир ин ба меъёрҳои сарикасӣ гузаштани мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ аст.

Сохтори хароҷоти буҷети шаҳр аз рӯи гурӯҳбандии иқтисодӣ асосан аз категорияҳои музди маош ва суғуртаи давлатӣ, хароҷот барои коргузории молу хизматрасониҳо ва хароҷоти асосӣ иборат мебошад. Хароҷоти асосӣ барои бунёди иншоотҳои нав, таъмири биноҳо ва харидории таҷҳизот равона мешавад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки маблағҳои ҷудогардида аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ тайи солҳои 2011-2014 1953,1 ҳазор сомониро ташкил дода, аз ин 1844,7 ҳазор сомониро маблағҳои мақсаднок ва 108,4 ҳазор сомонӣ ҳисоббаробаркуниҳо ташкил медиҳад. Ҳамзамон, дар ин давра ҳаҷми бақияи озод беш аз 7727,5 ҳазор сомониро ташкил дод. Соли 2014 дар қиёс ба соли 2011 ҷамъи даромадҳо ба 2,1 маротиба афзоиш ёфта, маблағҳои мақсаднок аз буҷети ҷумҳуриявӣ сол аз сол кам гардида, солҳои 2012 - 2014 маблағ ворид нагаштааст.

Яке аз ҳадафҳои асосии Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳр барои солҳои 2016 - 2020 ин зиёд намудани қисмати даромади буҷети маҳаллӣ мебошад.

Аз рӯи маълумоти расмӣ соли 2014 танҳо тавассути 13 филиали бонк ва ташкилотҳои хурди қарздиҳӣ аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ 852,9 млн. сомонӣ маблағ ворид гаштааст, ки нисбат ба соли 2011 226,4 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Дар ҳолати беҳтар намудани шароит барои соҳибкорӣ ва самаранок истифода бурдани маблағҳои воридшуда маблағҳои интиқолшудаи муҳоҷирони меҳнатӣ метавонанд сарчашмаи асосӣ дар таъмини Барномаи мазкур бошанд.

## БОБИ 7. НИЗОМИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБӢ

Яке аз унсурҳои муҳими системаи идоракунӣ татбиқи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳр низоми мониторинг ва арзёбӣ мебошад. Он барои мушоҳидаи ҷараёни корҳо, таҳлили натиҷаҳои бадастомадаи Барнома, ошкор намудани таҷрибаи мусбии андӯхта ва мушкилоти мавҷуда дар татбиқи он истифода бурда мешавад. Низоми мониторинг ва арзёбӣ имкон медиҳад, ки робитаи мутақобила ва муттасил дар сиёсати қабулнамуда ва натиҷаҳои татбиқи амалии он таъмин гардад.

Гурӯҳи мониторинг ва арзёбӣ бо қарори Раиси шаҳр таъсис дода шуда, аз 5-7 аъзо иборат мебошад (мутахассисони соҳавӣ ва кормандони масъули мақомоти маҳаллии шаҳр). Гурӯҳи мониторинг ва арзёбиро муовини соҳавии Раиси шаҳр сарварӣ мекунад.

Бо қарори мазкур барои гузаронидани мониторинг ва арзёбии Барномаи рушди шаҳр – мудири шӯъбаи иқтисод ва савдо шахси масъул таъин карда мешавад.

Раиси шаҳр оид ба пешниҳод кардани нусхаи ҳисоботи семоҳаи ҳама лоиҳаҳои ба Барномаи рушди шаҳр дохилшуда ба шӯъбаи иқтисод ва савдо ҷиҳати ҳисоботдиҳӣ амри махсус мебарорад.

1. Муҳим аст, ки давра ба давра малака ва дониши аъзои гурӯҳи мониторинг ва арзёбӣ баланд бардошта шавад.

2. Сохтори низоми мониторинг ва арзёбӣ.

3. Барои мониторинги Барномаи рушди шаҳр мушоҳидаи омилҳои зерин зарур аст:

- то кадом андоза ба ҳадафҳои Барнома муваффақ хоҳанд шуд;
- чӣ гуна дар доираи Барнома лоиҳаҳо амалӣ шуда истодаанд.
- ба ифодаи дигар, бояд мониторинги натиҷаҳои нақша (дар ин ҷо сухан дар бораи натиҷаҳои Барнома дар маҷмӯъ меравад, на натиҷаҳои лоиҳаҳои ҷудогонаи он) ва ҳамчунин мониторинги ҷараёни татбиқи лоиҳаҳо гузаронида шавад.

Мутаносибан низоми мониторинг бояд ду унсурро дар бар гирад.

Мониторинги натиҷаҳои нақша бо роҳи муайян кардани аҳамияти нишондиҳандаҳо анҷом дода мешавад. Мутаносибан, муваффақшавии ҳадафҳои нақшаро бо ҳамон мулоҳиза кардан мумкин аст, ки дар кадом андоза мақсадҳои нишондиҳандаҳо ба даст омадааст. Ҳамаи нишондодҳои пешниҳодгардида дар хазинаи маълумотҳои шӯъбаи омори шаҳр мавҷуданд. Мониторинги натиҷаҳо ҳар сол гузаронида мешавад.

**Нақшаи индикаторҳо/нишондиҳандаҳои мониторинги Барномаи рушди шаҳри Ваҳдат барои солҳои 2016-2020**

| Натиҷа | Индикаторҳо/ нишондиҳанда | Воҳиди ченак | Ҳолати аввалия (ҳисобот) | Нишондод | Натиҷаи пешбинишаванда дар солҳо (дурнамо) | | | | | | Манбаи маълумот | Масъулини ҷамъоварии маълумот | Ҷамъоварии маълумот |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2014 | Охири 2020 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | | | |
| Беҳтар намудани вазъи демографӣ | Шумораи аҳолӣ дар охири сол ҳамагӣ | ҳазор нафар | *309,7* | *347,7* | *315,1* | 321,4 | 327,8 | 334,3 | 340,9 | 347,7 | Ҳисоботи соҳавӣ | Агентии омор, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат | Солона |
| | аз он ҷумла дар: шаҳр | -«- | *56,7* | 63,5 | 57,6 | 58,7 | 59,9 | 61,1 | 62,3 | 63,5 | Ҳисоботи соҳавӣ | Агентии омор, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона |
| | деҳот | -«- | *253* | 284,2 | 257,5 | 262,7 | 267,9 | 273,2 | 278,6 | 284,2 | Ҳисоботи соҳавӣ | Агентии омор, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона |
| | Мардҳо | -«- | *159,3* | 179,7 | 162,0 | 165,1 | 168,4 | 172,1 | 176,1 | 179,7 | Ҳисоботи соҳавӣ | Агентии омор, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона |
| | Занҳо | -«- | *150,4* | 168 | 153,1 | 156,3 | 159,4 | 162,2 | 164,8 | 168,0 | Ҳисоботи соҳавӣ | Агентии омор, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона |
| Ба кор даровардани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ | Кудакон (0-15) | -«- | *112,8* | 127,7 | 115,2 | 117,6 | 120,1 | 122,6 | 125,1 | 127,7 | Ҳисоботи соҳавӣ | Агентии омор, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона |
| | Аҳолии қобили меҳнат (15-63 (58 барои занон) сола) | -«- | *183* | 209,5 | 187,0 | 191,2 | 195,4 | 199,7 | 205,1 | 209,5 | Ҳисоботи соҳавӣ | Агентии омор, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона |
| | аз ҷумла, мардҳо | -«- | *94* | 107,8 | 96,0 | 98,2 | 100,4 | 102,7 | 105,1 | 107,8 | Ҳисоботи соҳавӣ | Агентии омор, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона |
| | Занҳо | -«- | *89* | 101,7 | 91 | 93 | 95 | 97 | 100 | 101,7 | Ҳисоботи соҳавӣ | Агентии омор, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона |
| | Шумораи умумии корхонаҳои саноатӣ, аз ҷумла | адад | *62* | *70* | *64* | *66* | *67* | *68* | *69* | *70* | Ҳисоботи соҳавӣ | Вазорати саноат ва технологияҳои нав, Агентии омор, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | Корхонаҳои калони истеҳсолӣ | адад | *16* | 20 | 18 | 18 | 18 | 19 | 19 | 20 | Ҳисоботи соҳавӣ | Вазорати саноат ва технологияҳои нав, Агентии омор, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |

| | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Корхонаи хурду миёна | адад | *46* | 50 | 46 | 48 | 49 | 49 | 50 | 50 | Ҳисоботи соҳавӣ | Вазорати саноат ва технологияҳои нав, Агентии омор, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ бо нархҳои ҷории солҳои дахлдор (суръати афзоиш бо нархҳои муқоисавӣ) | млн. сомонӣ | *58,9* | 98 | 59,5 | 71,4 | 85,7 | 84,4 | 89,1 | 98 | Ҳисоботи соҳавӣ | Вазорати саноат ва технологияҳои нав, Агентии омор, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | Таъсиси ҷойҳои корӣ дар соҳаи саноат | ҷойҳои корӣ | *970* | 1100 | 1000 | 1820 | 2450 | 2470 | 2480 | 2490 | Ҳисоботи соҳавӣ | Вазорати саноат ва технологияҳои нав, Агентии омор, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| Таъмини амнияти озуқаворӣ | Маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ бо нархҳои ҷории солҳои дахлдор (суръати афзоиш бо нархҳои муқоисавӣ) | ҳазор сомонӣ | *640029* | 809017 | 749301 | 755850 | 761522 | 772404 | 787851 | 809017 | Ҳисоботи соҳавӣ | Вазорати кишоварзӣ, Агентии омор, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | Аз ҷумла, растанипарварӣ | млн. сомонӣ | 370,9 | 557,2 | 511,4 | 515,6 | 520 | 530,4 | 541 | 557,2 | Ҳисоботи соҳавӣ | Вазорати кишоварзӣ, Агентии омор, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | Чорводорӣ | млн. сомонӣ | 269,1 | 251,8 | 237,9 | 240,2 | 241,6 | 242 | 246,9 | 251,8 | Ҳисоботи соҳавӣ | Вазорати кишоварзӣ, Агентии омор, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| Рушди бахши хусусӣ | Шумораи соҳибкорони инфиродӣ | нафар | 9058 | 11195 | 9384 | 9720 | 10069 | 10431 | 10806 | 11195 | Ҳисоботи соҳавӣ | Кумитаи андоз, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | аз он ҷумла, аз рӯи намуди фаъолият: | | | | | | | | | | | | |
| | Шаҳодатнома | нафар | 6056 | 7478 | 6268 | 6492 | 6726 | 6967 | 7218 | 7478 | Ҳисоботи соҳавӣ | Кумитаи андоз, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | Патент | нафар | 3002 | 3717 | 3116 | 3228 | 3343 | 3464 | 3588 | 3717 | Ҳисоботи соҳавӣ | Кумитаи андоз, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |

| | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Афзоиши ҷалби сармоягузориҳо ба сохтмони асосӣ | Сармояи асосӣ (аз ҳисоби ҳама манбаъҳо сармоягузорӣ) | ҳазор сомонӣ | 119846,6 | 207500 | 131300 | 143900 | 157700 | 172800 | 189401 | 207500 | Ҳисоботи соҳавӣ | Кумитаи меъморӣ ва сохтмон, Агентии омор, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | корҳои сохтмонию васлкорӣ | ҳазор сомонӣ | 118913,9 | 200500 | 130300 | 142800 | 156500 | 171600 | 187401 | 200500 | Ҳисоботи соҳавӣ | Кумитаи меъморӣ ва сохтмон, Агентии омор, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | Ба кор андохта шуд: | | | | | | | | | | Ҳисоботи соҳавӣ | Кумитаи меъморӣ ва сохтмон, Агентии омор, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | фондҳои асосӣ | ҳазор сомонӣ | 119846,6 | 207500 | 131300 | 143900 | 157700 | 172800 | 189401 | 207500 | Ҳисоботи соҳавӣ | Кумитаи меъморӣ ва сохтмон, Агентии омор, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | хонаҳои истиқоматӣ | ҳазор метри мураббаъ | 2534,2 | 2600,0 | 2540,0 | 2542,0 | 2550,0 | 2555,0 | 2570,0 | 2600,0 | Ҳисоботи соҳавӣ | Кумитаи меъморӣ ва сохтмон, Агентии омор, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | Корҳои пудратии | ҳазор | | | | | | | | | | Кумитаи меъморӣ ва | Солона |

| | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Миқдори ҷойҳо дар муассисаҳои томактабӣ | ҷой | 2240 | 2240 | 2240 | 2240 | 2240 | 2240 | 2240 | 2240 | | Вазорати маориф ва илм, Агентии омор, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | Шумораи кудакони синни мактабӣ (7-17) | нафар | 61841 | 63500 | 62903 | 63100 | 63289 | 63400 | 63489 | 63500 | | Вазорати маориф ва илм, Агентии омор, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | Фарогирӣ ба муассисаҳои таҳсилоти умумии рӯзона | % | 100,0 | 100,0 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | | Вазорати маориф ва илм, Агентии омор, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | аз ҷумла, кӯдакони маъюб | % | 0,07 | 0,13 | 0,08 | 0,09 | 0,10 | 0,11 | 0,12 | 0,13 | | Вазорати маориф ва илм, Агентии омор, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | Ҳиссаи кӯдакони маъюб дар байни кӯдакони синни мактабӣ (7-17) | % | 0,07 | 0,13 | 0,08 | 0,09 | 0,10 | 0,11 | 0,12 | 0,13 | | Вазорати маориф ва илм, Агентии омор, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | Шумораи муаллимони муассисаҳои таҳсилоти умумии рӯзона | нафар | 3172,0 | 3335 | 3298 | 3300 | 3320 | 3325 | 3330 | 3335 | | Вазорати маориф ва илм, Агентии омор, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | Таъмин будан дар шаҳр: | | | | | | | | | | | | |
| | ба муассисаҳои томактабӣ ба 1000 кӯдакони сини томактабӣ | ҷой | 2320 | 2320 | 2320 | 2320 | 2320 | 2320 | 2320 | 2320 | | Вазорати маориф ва илм, Агентии омор, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | бо муассисаҳои таҳсилоти умумӣ барои 1000 кудакони синни мактабӣ | ҷой | 2960 | 2960 | 2960 | 2960 | 2960 | 2960 | 2960 | 2960 | | Вазорати маориф ва илм, Агентии омор, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | Таъминот бо мизу курсӣ | ҷуфт | 25957 | 26150 | 26000 | 26000 | 26100 | 26100 | 26150 | 26150 | | Вазорати маориф ва илм, Агентии омор, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | Таъминот бо компютер | % | 79 | 86 | 82 | 83 | 83 | 84 | 85 | 86 | | Вазорати маориф ва илм, Агентии омор, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | Таъминот бо кабинетҳои фаннӣ | адад | 707 | 711 | 707 | 707 | 709 | 710 | 710 | 711 | | Вазорати маориф ва илм, Агентии омор, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| Баланд бардоштани сатҳи маърифатнокӣ | Миқдори муассисаҳои оммавӣ-фарҳангӣ | адад | 66 | 68 | 66 | 67 | 67 | 67 | 67 | 68 | Ҳисоботи соҳавӣ | Вазорати фарҳанг, Агентии омор, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | Клубҳо | -«- | 12 | 12 | 12 | 12 | 12 | 12 | 12 | 12 | Ҳисоботи соҳавӣ | Вазорати фарҳанг, Агентии омор, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | Китобхонаҳои оммавӣ-ҳамагӣ | -«- | 47 | 47 | 47 | 47 | 47 | 47 | 47 | 47 | Ҳисоботи соҳавӣ | Вазорати фарҳанг, Агентии омор, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| ...холӣ | Осорхонаҳо-ҳамагӣ | -«- | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | Ҳисоботи соҳавӣ | Вазорати фарҳанг, Агентии омор, МИҲД | Солона (3 моҳа ва |

| | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | ҳамагӣ | | | | | | | | | | | шаҳри Ваҳдат | |
| | Миқдори муассисаҳои тиббӣ-ҳамагӣ | адад | 111 | 113 | 111 | 111 | 112 | 112 | 112 | 113 | Ҳисоботи соҳавӣ | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Агентии омор, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| Беҳтар намудани вазъи солимии аҳолӣ | Миқдори бунгоҳҳои тиббӣ-ҳамагӣ | адад | 79 | 80 | 79 | 79 | 80 | 80 | 80 | 80 | Ҳисоботи соҳавӣ | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Агентии омор, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | Шумораи кормандони тиббӣ-ҳамагӣ | нафар | 904 | 1058 | 913 | 1033 | 1040 | 1042 | 1050 | 1058 | Ҳисоботи соҳавӣ | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Агентии омор, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | Таъминот барои 10 ҳазор аҳоли бо духтурон, аз чумла : | нафар | 8,5 | 10,5 | 8,5 | 8,5 | 9,5 | 9,5 | 10 | 10,5 | Ҳисоботи соҳавӣ | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Агентии омор, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | Бо кормандони миёнаи тиббӣ | нафар | 18 | 23 | 18 | 20 | 20 | 20 | 22 | 23 | Ҳисоботи соҳавӣ | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Агентии омор, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| Беҳтар намудани вазъи солимии аҳолӣ | Бо муассисаҳои амбулаторию дармонгоҳи | % | 3,8 | 3,6 | 3,5 | 3,6 | 3,5 | 3,6 | 3,6 | 3,6 | Ҳисоботи соҳавӣ | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Агентии омор, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | Пешниҳоди хизматрасонии тиббӣ ба кӯдакони маъюб (ПМПК) | нафар | 788 | 772 | 783 | 781 | 778 | 776 | 774 | 772 | Ҳисоботи соҳавӣ | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Агентии омор, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | Ҳиссаи занҳои ҳомиладоре, ки дар 12 ҳафтаи аввал ба қайд гирифта шудаанд | % | 62 | 70 | 64 | 65 | 67 | 68 | 69 | 70 | Ҳисоботи соҳавӣ | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Агентии омор, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |

| | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳиссаи камхунӣ миёни занони ҳомила | % | 50,2 | 46 | 50 | 49,5 | 49 | 48 | 47 | 46 | Ҳисоботи соҳавӣ | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Агентии омор, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | Ҳиссаи таваллуд дар муассисаҳои тиббӣ | % | 86 | 90,0 | 87 | 87 | 88 | 88 | 89 | 90 | Ҳисоботи соҳавӣ | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Агентии омор, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | Ҳиссаи таваллуд дар хона | % | 14 | 10,0 | 13 | 12,5 | 12 | 11,5 | 11 | 10 | Ҳисоботи соҳавӣ | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Агентии омор, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | Фавти модарон | нафар | 3 | 1 | 2 | 2 | 2 | 1 | 1 | 1 | Ҳисоботи соҳавӣ | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Агентии омор, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| ӣ | Фавти модарон (ба ҳар 100 ҳазор | | | | | | | | | | Ҳисоб | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии | Солона |

| | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | | | | шаҳри Ваҳдат | |
| | *Гелминтоз* | % | 156 | 144 | 154 | 152 | 150 | 148 | 146 | 144 | Ҳисоботи соҳавӣ | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Агентии омор, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | Захираҳои меҳнатӣ | ҳазор нафар | 148,2 | 152,1 | 151,7 | 152 | 152 | 152 | 152,1 | 152,1 | Ҳисоботи соҳавӣ | Вазоратҳои меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Агентии омор, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| Беҳтар намудани сатҳи хизматрасонии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | Шумораи дар иқтисодиёт машғул будагон-ҳамагӣ: | ҳазор нафар | 43,7 | 44,8 | 44,7 | 44,7 | 44,7 | 44,7 | 44,7 | 44,8 | Ҳисоботи соҳавӣ | Вазоратҳои меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Агентии омор, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | Шумораи умумии нафақахӯрон | ҳазор нафар | 21 | 23,1 | 21,9 | 22,9 | 23 | 23 | 23,1 | 23,1 | Ҳисоботи соҳавӣ | Агентиҳои суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, Агентии омор, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | аз ҷумла, маъюбон | нафар | 3917 | 3917 | 3916 | 3920 | 3915 | 3916 | 3917 | 3917 | Ҳисоботи соҳавӣ | Агентиҳои суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, Агентии омор, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | - то сини 18 сола | нафар | 743 | 745 | 743 | 742 | 745 | 747 | 744 | 745 | Ҳисоботи соҳавӣ | Агентиҳои суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, Агентии омор, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | аз рӯи бемориҳои умумӣ | нафар | 3174 | 3180 | 3174 | 3175 | 3177 | 3178 | 3179 | 3180 | Ҳисоботи соҳавӣ | Агентиҳои суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, Агентии омор, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | Шумораи умумии бекорони расман ба қайд гирифташуда | нафар | 3054 | 3000 | 3042 | 3020 | 3060 | 3090 | 3090 | 3000 | Ҳисоботи соҳавӣ | Вазоратҳои меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Агентии омор, МИҲД | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |

| | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | | | | шаҳри Ваҳдат | |
| | Аз ҷумла, бо кор таъмингардида | нафар | 530 | 590 | 545 | 545 | 560 | 570 | 580 | 590 | Ҳисоботи соҳавӣ | Вазоратҳои меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Агентии омор, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | Шумораи бекороне, ки ба корҳои ҷамъиятӣ ҷалб гардидаанд | нафар | 80 | 130 | 90 | 95 | 90 | 110 | 120 | 130 | Ҳисоботи соҳавӣ | Вазоратҳои меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Агентии омор, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | Қарзҳои бе фоизи пешниҳодгардида барои бекорон | ҳазор | 104 | 300 | 178 | 260 | 278 | 280 | 290 | 300 | Ҳисоботи | Вазоратҳои меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии | Солона (3 моҳа |

| | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Касбомузӣ | нафар | 350 | 400 | 330 | 360 | 360 | 390 | 390 | 400 | Ҳисоботи соҳавӣ | Вазоратҳои меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Агентии омор, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | Шумораи кӯдаконе, ки дар муассисаҳои интернатӣ (давлатӣ) тарбия мегиранд, дар охири сол | нафар | 300 | 360 | 310 | 320 | 330 | 340 | 350 | 360 | Ҳисоботи соҳавӣ | Вазорати маориф ва илм, Агентии омор, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | Шумораи умумии кӯдаконе, ки дар давоми сол ба парасторӣ кабул гардидаанд. | нафар | 12 | 14 | 13 | 12 | 10 | 11 | 12 | 14 | Ҳисоботи соҳавӣ | Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | Шумораи умумии кӯдаконе, ки дар давоми сол ба фарзандхонӣ кабул гардидаанд | нафар | 29 | 50 | 30 | 35 | 37 | 39 | 45 | 50 | Ҳисоботи соҳавӣ | Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | Хизматрасонии иҷтимоии пешниҳодгардида аз ҷониби "Маркази хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона " | нафар | 315 | 370 | 320 | 330 | 340 | 350 | 360 | 370 | Ҳисоботи соҳавӣ | Вазоратҳои меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Агентии омор, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | Аз ҷумла, барои сини то 18 сола | нафар | 167 | 200 | 175 | 177 | 180 | 188 | 192 | 200 | Ҳисоботи соҳавӣ | Вазоратҳои меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Агентии омор, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | Шумораи ҷиноятҳои аз ҷониби ноболигон содиршуда | холат | 34 | 20 | 30 | 28 | 25 | 23 | 22 | 20 | Ҳисоботи соҳавӣ | Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | Шумораи кӯдаконе, ки чорабиниҳои профилактикии сохторҳои дахлдорро ҷиҳати пешгирии ҷиноят гузаштаанд | нафар | 12000 | 24000 | 15000 | 17000 | 18000 | 20000 | 22000 | 24000 | Ҳисоботи соҳавӣ | Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| ...р намудани инфрасохтори ...кши сайёҳӣ ва варзиш | Шумораи умумии сайёҳон | нафар | 200 | 2500 | 300 | 500 | 1000 | 1500 | 2000 | 2500 | Ҳисоботи соҳавӣ | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Агентии омор, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | Шумораи умумии муассисаҳои варзишӣ | адад | 183 | 185 | 184 | 184 | 185 | 185 | 185 | 185 | Ҳисоботи соҳавӣ | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Агентии омор, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | Иштироки | | | | | | | | | | | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ | Солона |

| | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | | | | коммуналӣ», Агентии омор, МИҲД ш. Вахдат | ва 6 моҳа) |
| | деҳот | ҳазор нафар | 104,2 | 105 | 104,2 | 104,2 | 104,5 | 104,5 | 104,7 | 105 | Ҳисоботи соҳавӣ | КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ», Агентии омор, МИҲД шаҳри Вахдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | | % | 42,1 | 47 | 42,1 | 42,1 | 43 | 45 | 46 | 47 | Ҳисоботи соҳавӣ | КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ», Агентии омор, МИҲД шаҳри Вахдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| Баланд бардоштани сатҳи хизматрасонии коммуналӣ | Шумораи умумии муштариён | ҳазор нафар | 40 | 42 | 40,5 | 41 | 41 | 41,5 | 42 | 42 | Ҳисоботи соҳавӣ | КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ», Агентии омор, МИҲД шаҳри Вахдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | партовҳои сохтмони баровардашуда | м3 | 133000 | 150000 | 138000 | 139000 | 140000 | 142000 | 143000 | 150000 | Ҳисоботи соҳавӣ | КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ», Агентии омор, МИҲД шаҳри Вахдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | Шумораи умумии қуттиҳои партовҷамъкунӣ | адад | 54 | 104 | 54 | 64 | 74 | 84 | 94 | 104 | Ҳисоботи соҳавӣ | КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ», Агентии омор, МИҲД шаҳри Вахдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| Таъмини амнияти энергетикӣ | Таъмини аҳолӣ бо қувваи барқ | нафар | 300000 | 315000 | 305000 | 305000 | 305000 | 310000 | 310000 | 315000 | Ҳисоботи соҳавӣ | ШСХК «Барқи Тоҷик», Агентии омор, МИҲД шаҳри Вахдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | | % | 98 | 98 | 98 | 98 | 98 | 98 | 98 | 98 | Ҳисоботи соҳавӣ | ШСХК «Барқи Тоҷик», Агентии омор, МИҲД шаҳри Вахдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| Инфрасохтори | Ҳаҷми кашонидани бор (бо ҳамаи намуди нақлиёт) | ҳазор тонна | 288,6 | 682,8 | 388,6 | 401,2 | 560,8 | 568,2 | 668,2 | 682,8 | Ҳисоботи соҳавӣ | Вазорати нақлиёт, Агентии омор, МИҲД шаҳри Вахдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | Ҳаҷми кашонидани мусофирон (бо ҳама намуди нақлиёт) | ҳазор мусофир | 4704,1 | 5302,5 | 4804,1 | 4904,2 | 5002,5 | 5102,5 | 5202,6 | 5302,5 | Ҳисоботи соҳавӣ | Вазорати нақлиёт, Агентии омор, МИҲД шаҳри Вахдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | Дарозии роҳҳои сохташуда | км | 3 | 5 | 5 | 10 | 15 | 0 | 0 | 5 | Ҳисоботи соҳавӣ | Вазорати нақлиёт, Агентии омор, МИҲД шаҳри Вахдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | Дарозии роҳҳои аз таъмири асосӣ ва ҷорӣ баровардашуда | км | 5 | 10 | 6 | 10 | 12 | 10 | 8 | 10 | Ҳисоботи соҳавӣ | Вазорати нақлиёт, Агентии омор, МИҲД шаҳри Вахдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | Шумораи пулҳои сохташуда | адад | 1 | 2 | 2 | 2 | 4 | 5 | 6 | 2 | Ҳисоботи соҳавӣ | Вазорати нақлиёт, Агентии омор, МИҲД шаҳри Вахдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | Шумораи | | | | | | | | | | | | |

| | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Даромади умумии буҷети шаҳр | ҳазор сомонӣ | 165046 | 250000 | 156400 | 166700 | 175000 | 200000 | 230000 | 250000 | Ҳисоботи соҳавӣ | Вазорати молия, Кумитаи андоз, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | Харочоти умумии буҷети шаҳр | ҳазор сомонӣ | 107619 | 200000 | 106000 | 108700 | 110000 | 130000 | 180000 | 200000 | Ҳисоботи соҳавӣ | Вазорати молия, Кумитаи андоз, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | Ба ҳар сари аҳолӣ | сомонӣ | 355,3 | 390 | 337,6 | 343,5 | 345 | 350 | 370 | 390 | Ҳисоботи соҳавӣ | Вазорати молия, Кумитаи андоз, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | Аз ҷумла, ба соҳаи маориф | ҳазор сомонӣ | 64380,5 | 130000 | 63500 | 65450 | 66720 | 77720 | 112000 | 130000 | Ҳисоботи соҳавӣ | Вазорати молия, Кумитаи андоз, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | | бо % (нисбати умумӣ) | 59,8 | 65,0 | 59,9 | 60,2 | 60,7 | 59,8 | 62,2 | 65,0 | Ҳисоботи соҳавӣ | Вазорати молия, Кумитаи андоз, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | Тандурустӣ | ҳазор сомонӣ | 18301,7 | 35400 | 18900 | 19900 | 20900 | 23000 | 31500 | 35400 | Ҳисоботи соҳавӣ | Вазорати молия, Кумитаи андоз, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | | бо % (нисбати умумӣ) | 17,0 | 17,7 | 17,8 | 18,3 | 19,0 | 17,7 | 17,5 | 17,7 | Ҳисоботи соҳавӣ | Вазорати молия, Кумитаи андоз, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | Фарҳанг | ҳазор сомонӣ | 2121 | 4400 | 2200 | 2300 | 2400 | 2700 | 3800 | 4400 | Ҳисоботи соҳавӣ | Вазорати молия, Кумитаи андоз, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | | бо % (нисбати умумӣ) | 2,0 | 2,2 | 2,1 | 2,1 | 2,2 | 2,1 | 2,1 | 2,2 | Ҳисоботи соҳавӣ | Вазорати молия, Кумитаи андоз, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| Афзоиши маблағгузорӣ ба рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ | Ҳифзи иҷтимоӣ | ҳазор сомонӣ | 533,8 | 1200 | 500 | 600 | 700 | 800 | 900 | 1200 | Ҳисоботи соҳавӣ | Вазорати молия, Кумитаи андоз, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | | бо % (нисбати умумӣ) | 0,5 | 0,6 | 0,5 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,5 | 0,6 | Ҳисоботи | Вазорати молия, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона ва 6 моҳа) |
| | Дигар соҳаҳо | ҳазор сомонӣ | 21842 | 30000 | 22000 | 23000 | 24000 | 25000 | 27000 | 30000 | Ҳисоботи соҳавӣ | Вазорати молия, Кумитаи андоз, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | | бо % (нисбати умумӣ) | 20,3 | 15,0 | 20,8 | 21,2 | 21,8 | 19,2 | 15,0 | 15,0 | Ҳисоботи соҳавӣ | Вазорати молия, Кумитаи андоз, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | Фонди захиравӣ | ҳазор сомонӣ | 440 | 700 | 500 | 550 | 560 | 570 | 700 | 700 | Ҳисоботи соҳавӣ | Вазорати молия, Кумитаи андоз, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |
| | | бо % (нисбати умумӣ) | 0,4 | 0,4 | 0,5 | 0,5 | 0,5 | 0,4 | 0,4 | 0,4 | Ҳисоботи соҳавӣ | Вазорати молия, Кумитаи андоз, МИҲД шаҳри Ваҳдат | Солона (3 моҳа ва 6 моҳа) |

## 1. Занҷири мантиқии бахши иқтисодиёт

| Р/Т | Мақсади стратегӣ | Вазифаҳо | Номгӯи лоиҳаҳо | Арзиши умумӣ, ҳазор сомонӣ | Солҳо 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | Иҷрокунанда/ масъул | Сарчашмаи маблағгузорӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **1. Кишоварзӣ** | | | | | | | | | | | |
| 1. | *Таъмини амнияти озуқаворӣ* | *Самаранок истифода бурдани техникаи муосир ҷиҳати баланд бардоштани ҳосилнокии маҳсулоти кишоварзӣ* | 1.1.Ташкил намудани 3 адад Стансияи таъмири мошину тракторҳо (МТС) *ва хариди таҷҳизотҳои* техникаи муосир | 4500 | | | 1800 | 1800 | 900 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат, соҳибкорони маҳаллӣ | Маблағҳои хусусӣ |
| 2. | | *Кам кардани талафоти маҳсулоти истеҳсолгардида* | 1.2.Сохтмони анборҳои нигоҳдории меваҳои тар ва хушк | 3000 | 600 | 600 | 600 | 600 | 600 | МИХД шаҳри Ваҳдат, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, ҶДММ «Синдбод» | Сармояи дохилию хориҷӣ |
| | | | | 3000 | 600 | 600 | 600 | 600 | 600 | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ | Сармояи дохилию хориҷӣ |
